ТО МУҲАББАТ ҲАСТ, ШЕЪР ҲАСТ с. 9

4,9 МЛН ИСТИФОДАБАРАНДАИ ИНТЕРНЕТ с. 7

ПАРЧАМИ ТОҶИКИСТОН ДАР АНТАРКТИДА с. 3


ТОҶИКИСТОН

№23 (1636), 4.06.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



ҚИМАТӢ ДАР АРАФАИ ИД

Аз ҳушдори муфтӣ то ҷаримаи тоҷирон



ДАР ИН ШУМОРА:

НИГАРОНИИ ПРЕЗИДЕНТ
Аз талафи бесобиқаи оби ошомиданӣ с.2

ИДИ ҚУРБОН
Ярмаркаи маҳсулоти арзон ва маҳали забҳи чорво с.5

ПАРЛУМОН
Таъсиси гурӯҳи ғайриҳизбӣ с.3


РУСИЯ ВА УКРАИНА
Музокирот бо чӣ анҷом ёфт? с.4

ЧИН-ОСИЁИ МАРКАЗӢ
Баргузории форуми расонаҳо дар Остона с.9

САДРИДДИН АЙНӢ
Ва инқилоби маданӣ с.6

ҶАҲОН
11,5 сол ҳукми президенти собиқ с.4

ВАРЗИШ
Ғалабаи дастаи наврасони то 16-сола с.15



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР, Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ, академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ, сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА, доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ, доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА, нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ, нависанда

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ, саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

НИГАРОНИИ ПРЕЗИДЕНТ АЗ ТАЛАФИ БЕСОБИҚАИ ОБИ ОШОМИДАНӢ

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси якуми байналмилалии ҳифзи пиряхҳо аз талафоти бесобиқаи оби ошомиданӣ изҳори нигаронӣ кард.

Соли 2023 бузургтарин кохиши солонаи ҳаҷми пиряхҳо сабт гардид, ки дар натиҷа 600 гигатонна оби ошомиданӣ талаф ёфт ва сатҳи миёнаи уқёнуси ҷаҳон баланд шуд. Дар Конфронси якуми байналмилалии ҳифзи пиряхҳо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зикр намуд, ки вазъи пиряхҳо ба таҳқиқоти дақиқи илмӣ ниёз дорад.

Ӯ пешниҳод кард, ки бо ҳамкории шарикони рушд ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ як экспедитсияи фарогир барои омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон ташкил шуда, дар кишвар озмоишгоҳи минтақавии яхшиносӣ таъсис дода шавад. Ҳамчунин, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон эълон кард, ки Ҳукумати Тоҷикистон барномаи махсусе барои ҳифзи гуногунии табиии Боғи миллии Тоҷикистон, ки бештари пиряхҳои кишвар дар он ҷойгиранд, роҳандозӣ мекунад.

Сарвари давлат иқдомоти фаврӣ дар робита ба раванди обшавии пиряхҳоро номбар намуда, пешниҳод кард, ки Стратегияи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо дар сатҳи байналмилалӣ таҳия гардад. Ӯ таъкид намуд, ки Тоҷикистон ин ташаббусро дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид матраҳ намуда, аз тамоми кишварҳо даъват мекунад, ки аз ин иқдом пуштибонӣ намоянд.



ДОНИШҶӮИ СОЛ МУАЙЯН ШУД

Моҳҷабин Давлатқадамова, донишҷӯйи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ дар озмуни ҷумҳуриявии "Донишҷӯи сол - 2025" сазовори ҷойи аввал гардид.

Ин озмун бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Тоҷикистон баргузор гардида, ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, тақвияти ҳисси ватандӯстӣ ва таҳкими неруи зеҳнии насли ҷавон мебошад. Моҳҷабин бо дониш, ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти намунавии худ миёни садҳо донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар пешсаф гардид. Ғолиб бо диплом, ҷом ва мукофотпулӣ қадрдонӣ шуд.

Ёдовар мешавем, ки ҳоло Моҳҷабин Давлатқадамова дар курси чоруми факултети сохтмон ва меъмории донишгоҳ таҳсил мекунад.

ХАТЛОН ДАР САФИ ПЕШИ АФЗОИШИ ТАВАЛЛУД

Дар се моҳи аввали соли равон таваллуд дар аксари минтақаҳои Тоҷикистон афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, бақайдгирии таваллуд дар саросари кишвар 1,5 фоиз зиёд шудааст.

Теъдоди таваллуд ба таври зерин тақсим шудааст:

- Хатлон - 24,4 ҳазор нафар;
- ВМКБ (Бадахшон) - 752 нафар;
- НТҶ (ноҳияҳои тобеи чумҳурӣ) - 13,6 ҳазор нафар;
- Душанбе - 6 ҳазор нафар;
- Суғд - 13,1 ҳазор нафар.

Аз муқоисаи ин рақамҳо бармеояд, ки вилояти Хатлон дар сафи аввал қарор дорад. Пас аз он НТҶ ва Суғд меистанд. Аммо Суғд ягона минтақаест, ки афзоиши таваллуд мушоҳида нашудааст.

МЕҲАНПАРАСТЕ, КИ БА ҚАЛАМ ХИЁНАТ НАКАРД

Паёми табрикотӣ ба Александр Проханов ба муносибати эҳдои унвони Қаҳрамони меҳнат

Замоне ки Президенти Федератсияи Русия Владимир Владимирович Путин унвони Қаҳрамони меҳнатро ба Александр Андреевич Проханов супорид, миллионҳо одамон дар Русия ва фаротар аз марзҳои он ин рӯйдодро на танҳо як мукофоти давлатӣ, балки ҳамчун як дастоварди бузурги маънавӣ арҷгузорӣ карданд. Дастоварди як шаҳрванди мубориз, нависанда, рӯзноманигор, меҳанпараст дар роҳи мубориза барои ҳақиқат.

(Давомаш дар саҳ. 3)

САРИ САБЗ



Толибшоҳи ДАВЛАТ,
рӯзноманигор ва адиб

- Қаламкаш бояд танҳо дар фикри эҷод бошад. Ҳаргиз наандешад, ки асарашро касе мехонад ё не? Агар асар арзанда бошад, имрӯз нахонанд, пагоҳ мехонанд. Пас аз дах, бист, сӣ, чил ё шояд сад сол ҳатман хонда мешавад.

- Ҳмммм, "бузак-бузак, намур, баҳор меояд" гуфтагӣ барин-дия. То вақти хондани асар фаро мерасад, ки бечора қаламкаш аз фикри эҷод ба ҷойе мерасад. То рӯзи мабодо ақаллан ягон тақриз ба асарашро хонад, дигар гап.



Марям САНАВБАРОВА,
пиллапарвар аз Истаравшан

- Агар кирмак барги тути захрнок, ё уфунаткарда хӯрад, бемор шуда, барги хӯрдаашро қай мекунад. Боре хушдоманам вақти бемор ва зард шудани ранги кирмак ба онҳо зардоб (оби зардраги ҷурғот) пошида, испанд дуд карда буданд. Сипас кирмакҳо аз нав ривоҷ ёфтанд.

- Эҳа, парвариши кирмак то ин дараҷа нозуку душвор будааст ку! Мисли он, ки кӯдакро парвариш мекунӣ ва чун бемор шуд, испанд дуд мекуниву памперс мехарӣ.



Элдор ТУЙЧИЕВ,
мутахассиси соҳаи неврология

- Дар баъзе ҳолатҳо шахсони 20-30-сола аз дарди сар шикоят карда, мегӯянд, ки ба сабаби баланд шудани фишори хун сарашон дард кардааст. Аммо ин чунин нест. Дарди сар ба сабаби фишори баланд дар ҳолате мешавад, ки нишондиҳанда то 180-200 расад.

- Чунин аст. Шикояти 20-30-солаҳо ҷон дорад. Дар ин синну сол хунашон дар ҷӯш аст ва шояд нишондиҳандаҳояшон аз 180-200 ҳам гузарад. Роҳи пешгирии чунин дарди сарро ёфтан лозим.

НАВГОНӢ ДАР ПАРЛУМОН

Таъсиси гурӯҳи вакилони ғайриҳизбӣ

Рӯзи 4-уми июн дар ҷаласаи навбатии Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон лоиҳаи қарорҳо оид ба таъсиси фраксияҳои ҳизбӣ ва гурӯҳи вакилони ғайриҳизбӣ ба тасвиб расид.



Ба иттилои дафтари матбуоти парлумони кишвар, фраксияҳо ва гурӯҳи ғайриҳизбӣ 4-уми июн дар ҷаласаи навбатии Маҷлиси намояндагон тасдиқ гардидааст.

Манбаъ навиштааст, ки се ҳизби сиёсии кишвар фраксияҳои худро таъсис додаанд:

- Фраксияи Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон (ҲХДТ), ки аз 42 нафар иборат буда, сарварии онро Шариф Ҳакимзода ба зимма дорад;

- Фраксияи Ҳизби аграрии Тоҷикистон (ҲАТ), ки аз 7 нафар иборат буда, сарварии онро Рустам Латифзода ба уҳда дорад;

- Фраксияи Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ), ки аз 5 нафар иборат буда, Ғиёсиддин Ашурзода сарварии онро ба уҳда дорад.

- Гурӯҳи вакилони ғайриҳизбӣ аз 7 нафар иборат буда, Маҳмудзода Насрулло роҳбари он шудааст.

Ин бори аввал аст, ки дар парлумони Тоҷикистон як гурӯҳи вакилони ғайриҳизбӣ таъсис мешавад.

Шуҳрат Ғанизода, раиси Комиссия оид ба назорати дастур ва ташкили кор дар парлумони Тоҷикистон гуфт, ки «дар асоси моддаҳои 52 ва 53 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бандҳои 105-119 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ вакилони Маҷлиси намояндагон барои изҳори дастаҷамъонаи ақидаҳои сиёсии худ, амалӣ гардонидани барномаҳо ва ҳадафҳои пешазинтихоботӣ, ҳуқуқ доранд дар фраксияву гурӯҳҳо муттаҳид шаванд».

Дар хабар омадааст, ки амалӣ гардидани институти фаъолияти фраксияҳои ҳизбӣ ва гурӯҳҳои вакилон «ба плюрализми сиёсӣ ва гуногунандешӣ шароит фароҳам оварда, нишонаи боэътимоди демократияи солим аст».

ПАРЧАМИ ТОҶИКИСТОН ДАР АНТАРКТИДА

Сайёҳи маъруфи тоҷик Шарифбек Давлатов дар доираи Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ба қитъаи баландтарини Антарктида расида, онҷо парчами Тоҷикистонро барафрохт.

Бо ин иқдоми рамзӣ, ӯ на танҳо ватани худро муаррифӣ намуд, балки идеяи ҳамгироии минтақаро низ дастгирӣ кард - парчамҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон низ дар он ҷо парафшон шуданд.

Давлатов то имрӯз ба беш аз 100 кишвари ҷаҳон сафар карда, парчами Тоҷикистонро дар нуқтаҳои гуногуни сайёра барафрохтааст.

Бори аввал моҳи январи соли 2009 олими тоҷик Абдулҳамид Қаюмов парчами Тоҷикистонро дар доираи экспедитсияи омӯзишӣ дар баландтарин нуқтаи Антарктида (қуллаи Винсон, 4892 метр) парафшон карда буд.



МЕҲАНПАРАСТЕ, КИ БА ҚАЛАМ ХИЁНАТ НАКАРД

(Аввалаш дар саҳ. 2)



Александр Проханов дар НБО «Роғун»

Проханов шахсиятест, ки дар сахттарин рӯзҳо хиёнат ба ватан накард, пушти вожаҳои духӯраи мунофиқона паноҳ набурд, барои худафрӯзии сиёсӣ андешаҳояшро иваз накард, балки ҳамеша бо ҷасорат, сари баланд, дилсӯзӣ садо баланд кард. Садои ӯ садои Русия буд. Русияи захмхӯрда, вале шикастнопазир, сарбаланд, ки дубора ба по хест.

Барои ман, фарзанди Тоҷикистон, Александр Андреевич танҳо нависандаи бузурги рус нест, балки устод, дӯсти азиз ва инсонест, ки аз ӯ ватандориро меомӯзам.

Тоҷикистон чун Русия кишвари ранҷдида аст. Аммо агар Русия дар тӯли таърих мавриди шикасту пирӯзӣ, фурӯ рафтану сари по хестанро аз сар гузаронида бошад, мардуми тоҷик тӯли қарнҳо зери фишору истисмор қарор доштанд. Анҷоми солҳои 90-уми асри гузашта мо бо сад ранҷу мушкилот кӯшиш мекардем, ки давлати худро бунёд намоем, ояндаи худро созем. Аммо на ҳама моро мефаҳмиданд. Чандин расонаҳо, ҳатто дар худи Русия, ба ҷойи ҳамдардӣ ё кумак - хомӯш мемонданд ё бо чашми тамасхур ба мо менигаристанд.

Маҳз дар ҳамин даврони сарнавиштсоз фарде пайдо шуд, ки аз минбари расонаи миллии Русия суханоне ба забон оварад, ки дар ёди ҳар кадом тоҷик нақш баст. Александр Проханов миллати тоҷикро барои тарҳи азим, яъне саду неругоҳи "Роғун" табрик гуфт ва онро «тамаддуни зеризаминӣ» ном ниҳод.

Вақте ки тамоми ҷаҳон зидди "Роғун" буд, ӯ бо мо монд.

Вақте ки фиристодагони кишварҳои душман дар ҷомаи дӯст аз ӯ дархост карданд, ки аз ин мавқеаш даст кашад, вай устувор монд. Ӯ бо халқ монд, бо ҳақиқат монд, бовиҷдон монд. Ва мо, тоҷикон, инро ҳаргиз фаромӯш намекунем.

Суханони ӯ, ки соли 2018 аз тариқи телевизиони Русия, бори аввал дар таърихи истиқлоли Тоҷикистон пахш ва дар расонаҳо нашр гардиданд, ҷилваи ҳақиқати бузург буданд. Ман онҳоро имрӯз боз бо эҳтиром ба ёд меорам:

«Бале, тоҷикони давлати навини Тоҷикистон - муҳандисони бузург, сохтмончиён ва Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба умқи замин фаромада, кӯҳро шикофта, як тамаддуни мукаммали зеризаминиро офариданд, то рӯзе аз он нуре бархезад ва Тоҷикистону тамоми ҷаҳонро рӯшан созад.

Ман ҳеҷ гоҳ чунин иттиҳоди рӯҳу ақл, техника ва неруи инсонӣ надидаам.

Гоҳо тарс меояд аз андешаи он ки ин ҳама маҳсули тафаккур, хушмандӣ ва илҳоми инсон аст.

Неругоҳи "Роғун" як маъбад аст. Маъбаде, ки башарият дар симои Тоҷикистон ва тоҷикон - дар он барои ояндаи худ дуо мекунад: барои оромӣ, барои гулгашту шаҳрҳои нав, барои хонаводаҳои пурсаодат, барои он ки дигар тир аз камон берун наҷаҳад.

"Роғун" - як гули бузурги кайҳонӣ аст. Ман хушбахтам, ки атри онро нафас кашидам. Ташаккур, Роғун!».

Вақте Александр Андреевич ба китоби тозанашри ман «Нигоҳ - чеҳраҳо ва рӯйдодҳо аз Помир то Кремл» дар Маскав пешгуфтор навишт, чунин гуфта буд: «Ба сӯям биё!». Ман дарк кардам, ки ин сухан танҳо даъват ба касбият набуд.

Ин даъват ба маънавият буд.

Ба ишқи Ватан.

Ба фидокорӣ.

Ба имон.

Ба Тоҷикистон.

Ба ҳақиқати мардуми ман.

Ва барои ман ин ҳарфҳо дарси бузурги ҳаёт буданд.

Имрӯз мо, тоҷикон, бо ифтихор мегӯем:

Фарзанди бузурги Русия Александр Проханов он лаҳзаҳои сарнавиштсоз бо мо буд.

Ташаккур, Александр Андреевич!

Барои ҳақиқат.

Барои ҷасорат.

Барои рафоқат.

Барои каломе, ки ҳаргиз хиёнат намекунад.

Шариф ҲАМДАМПУР,
шаҳри Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Навроский - президенти нави Лаҳистон

Комиссияи интихоботи Лаҳистон субҳи 2-юми июн Карол Навроский, таърихшиноси миллигароро ғолиби интихоботи президентӣ эълон кард.



Карол Навроский 50,97 дарсади орои интихобкунандагонро ба даст овард ва Рафал Тшасковский, шаҳрдори Варшава ва тарафдори Иттиҳоди Аврупо бо касби 49,11 дарсади оро аз ӯ шикаст хӯрд.

Навроскийи 42-сола ва Тшасковскийи 52-сола дар суханрониҳои худ дар миёни тарафдоронашон дар шаби гузашта, бовар доштанд, ки барандаи интихобот хоҳанд буд.

Лаҳистон узви Иттиҳоди Аврупо ва НАТО аст ва пуштибони асосии Украина - ҳамсояи худ дар ҷанги Русия алайҳи ин кишвар будааст.

Deutsche Welle

Отамбоев 11,5 сол ҳукм гирифт

Суди ноҳияи Первомайи шаҳри Бишкек ба таври ғоибона Алмосбек Отамбоев, раисҷумҳури пешини Қирғизистонро ба 11,5 соли зиндон маҳкум намуд.



Отамбоев барои ғайриқонунӣ аз худ кардани қитъаи замин, ҷамъоварии ғайриқонунии сарват ва иштирок дар ошӯбҳои 7-8-уми августи соли 2019 гунаҳкор дониста шудааст. Ҳамчунин суд қарор кардааст, ки молу мулки Отамбоев мусодира шуда, ӯ аз ҷоизаҳои давлатӣ маҳрум ва ҷарима карда шавад. Назари худи Отамбоев ба ин ҳукм маълум нест. Гуфта мешавад, ки ӯ феълан дар Испания қарор дорад. Отамбоев аз соли 2011 то 2017 раисҷумҳури Қирғизистон буд. Соли 2019 ӯ аз дахлнопазирии раисҷумҳурӣ маҳрум ва ба фасод айбдор карда шуд.

АКИpress

МУЗОКИРОТИ РУСИЯ ВА УКРАИНА БО ЧӢ АНҶОМ ЁФТ?

Шоми 2-юми июн музокироти дуюми Русия ва Украина дар шаҳри Истанбули Туркия поён ёфт. Ҷонибҳо ёддоштҳои қаблан таҳиякардаро табодул карданд, аммо сари масоили аслӣ ва муҳим боз ҳам натавонистанд ба тавофуқ расанд.



Музокиротро, ки бо 1,5 соат таъхир оғоз шуд, Ҳоқон Фидан, вазири корҳои хориҷии Туркия ифтитоҳ кард. Намояндагони ИМА дар он ҳузур надоштанд. Ҳайати музокироти Русияро мисли пешин Владимир Мединский - ёвари президенти Русия ва Рустам Умаров - вазири дифои Украина роҳбарӣ мекарданд.

Пас аз музокирот ҷонибҳо зикр карданд, ки ҷониби Русия пешниҳоди қатъи бидуни қайду шарти ҷангро рад кардааст. Ҳамчунин, пешниҳоди мулоқоти роҳбарони ду кишварро ҳам нопазируфтааст. Аммо ҷонибҳо тавофуқ кардаанд, ки ҷасади сарбозони қурбоншударо бо теъдоди 6 ҳазор ба 6 ҳазор табодул кунанд.

Ҳамзамон ҷонибҳо ба натиҷа расидаанд, ки асирони захмӣ ва беморони вазнин, инчунин сарбозони синни аз 18 то 25-сола дар асоси тавофуқи “ҳама ба ҳама” табодул шаванд.

Гуфта мешавад, ки музокироти навбатӣ миёни 20-ум то 30-юми июн баргузор мешавад. Вале расонаҳо менависанд, ки ҳайати музокирот натавонистанд масоили аслӣ ва муҳимро ҳал кунанд.

Пеш аз оғози музокирот, хабаргузории Reuters шартҳои Украинаро, ки дар ин музокирот матраҳ шуд, нашр кард.

Дар он панҷ банд зикр шудааст:

- оташбаси бидуни қайду шарт барои 30 рӯз бо имкони тамдиди он;

- барҷардонидани ҳамаи кӯдакони украинӣ, ки ба қалламрави Русия интиқол ёфтаанд;

- ивази маҳбусон бар асоси принсипи “ҳама ба ҳама”;

- озодии шаҳрвандони осоиштае, ки дар асоратанд;

- кафолатҳои байналмилалии амният барои Украина ва ради мақоми бетараф.

Ҷониби Русия ҳам ёддошти худро расонӣ кард:

- ихроҷи қувваҳои мусаллаҳи Украина аз қалламрави ДНР, ЛНР, вилояти Запорожйе ва Херсон ва эътирофи онҳо ҳамчун қалламрави Русия;

- мақоми бетараф ва бидуни силоҳи ҳастаии Украина ва таъйини теъдоди муайяни Артиш;

- кафолатҳои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандони русзабон ва рафъи маҳдудиятҳо дар фаъолияти Калисои Православии Украина;

- даст кашидан аз даъвои тарафайн, аз ҷумла лағви таҳримҳо. Ҳамчунин барқарорсозии тадриҷии равобити дипломатӣ ва иқтисодӣ.

Вале маълум мешавад, ки ҷонибҳо дар ин масоил ба натиҷа нарасиданд.



СҶТ: 25% МАРДУМИ АФҒОНИСТОН НОС МЕКАШАНД

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ бо нашри як гузориш гуфтааст, ки 25 дарсади мардум, аксаран ҷавонону занони Афғонистон тамоку истеъмол мекунанд. Бар асоси ин гузориш, аз ҳар чор нафар як нафар дар Афғонистон тамоку истеъмол мекунад.

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ба муносибати Рӯзи ҷаҳонии бидуни тамоку ин гузоришро нашр карда, аз ҷомеа хостааст, ки бо ҳам муттаҳид шуда, ба зидди ин падидаи хатарнок мубориза баранд.

Эдвин Сниза Салвадор, намояндаи Созмони ҷаҳонии тандурустӣ дар Афғонистон гуфтааст, ки зарари тамокуро дар “пушти дурӯғҳои ширин” пинҳон мекунанд ва афзоиши истеъмоли он дар миёни ҷавонписарони Афғонистон боиси нигаронӣ аст.

“Фурсати он фаро расидааст, ки ин раванд қатъ шавад ва наслҳои оянда ҳифз шаванд”,- гуфтааст Эдвин Сниза Салвадор.

Ба гузориши Созмони ҷаҳонии тандурустӣ навъи маъмултарини тамоку дар Афғонистон “нос” буда, ҳатто аз сӯйи бархе занон ҳам истифода мешавад.

Қаблан ҳам Вазорати тандурустии Афғонистон гуфта буд, ки 27 фоизи мардуми Афғонистон нос истеъмол мекунанд.

ҲАМЛАЕ, КИ 7 МЛРД ДОЛЛАР ХИСОРОТ ОВАРД

Мақомоти Украина хабар медиҳад, ки бо истифода аз паҳбодҳое, ки ба таври пинҳонӣ дар сандуққои чӯбин дар дохили контейнерҳо ба дохили хоки Русия интиқол дода буд, даҳҳо ҳавопаймои бомбафканро дар минтақаҳои гуногуни ин кишвар ҳадаф қарор дод.



Гуфта мешавад, ки эҳтимолан то 40 ҳавопаймои бомбафкан ҳадаф қарор гирифтаанд. Созмони амнияти Украина (SBU) дар баёнияе эълон кардааст, ки ин ҳамлаҳо "34 дарсад аз ҳамлкунандаҳои мушакҳои “Куруз” дар пойгоҳҳои аслии Русия"-ро нишон гирифтанд ва маҷмӯи зарар ҳудуди 7 миллиард доллар бароварда шудааст.

Владимир Зеленский, Президенти Украина дар "Телеграмм" навишт, ки барои ин амалиёт беш аз як сол омодагӣ гирифта шуда буд. Ӯ афзуд: "Натиҷаи воқеан олӣ. Ва дастоварде, ки Украина ба таври мустақил ба он даст ёфтааст".

Ҷониби Русия хабар дод, ки пойгоҳҳои ҳавоӣ дар панҷ минтақа - Мурманск, Иркутск, Иваново, Рязан ва Амур ҳадаф қарор гирифтанд ва дар ду пойгоҳ "чанд ҳавопаймо дучори оташсӯзӣ шуданд".

Ёдовар мешавем, ки иқтидори системаи бомбафканҳои Русия - “Куруз” фаротар аз имкони системаи дифои ҳавоии Украина аст.

ҚИМАТӢ ДАР АРАФАИ ИД

Аз ҳушдори муфтӣ то ҷаримаи тоҷирон

Борҳо таъкид шудааст, ки боло бурдани нархи маҳсулот дар арафаи ҳар гуна ид гуноҳ аст. Аммо тоҷироне пайдо мешаванд, ки инро ба эътибор намегиранд. Магар онҳо мусалмон нестанд? Бо сӯйистифода аз идҳо нархи маҳсулотро қимат мекунанд ва фоидаи бештару муфт ба даст меоранд.



ШИКОЯТ

Аллакай сокинони кишвар бо фаро расидани Иди Қурбон аз гаронии нархи маҳсулоти ниёзи аввал шикоят доранд. Тухм, шакар, гӯшт ва дигар маҳсулоти ниёзи аввал майли қиматӣ доранд. Тааҷҷубовар аст, ки маҳз дар Тоҷикистон мисли анъана дар арафаи ҳар ид дилхоҳ маҳсулот қимат мешавад. Бархе тоҷирон инсофро як сӯ мегузоранд, дар фикри бештар пур кардани ҷайби худ мешаванд. Боз ҳаминҳо даъвои мусалмонӣ доранду дар ҷамъият насиҳатгаранд.

Ба мушоҳидаи харидорон, ҳоло дар бозор қариб назорат нест ва нархи маҳсулот калаванда аст. Агар чунин нест, чаро 1 кг гӯшт дар таблоҳо 75-80 навишта шудаасту онро бар ивази 100 сомонӣ мефурӯшанд?

“Вақте вориди бозор мешавам, нархҳоро дида, дар ҳайрат мемонам. Масалан, нархи гӯшт дар табло як асту дар гуфтори фурӯшандаҳо дигар. Агар пофишорӣ кунед, бо нархи навишташуда гӯшти дилхоҳашро медиҳад. Яъне, инҷо адолат байни фурӯшандаву харидор вуҷуд надорад. Бинобар ин, бештари вақт аз ярмарка ё гӯшаҳои ташкилкардаи берун аз бозор маҳсулот мегирам. Нисбат ба дохили бозор андак арзон аст”,- мегӯяд Саида.

ТАЪКИД БА ТОҶИРОН

Саидмукаррам Абдулқодирзода, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон борҳо аз савдогарон хоҳиш кардааст, ки дар рӯзҳои ид нархи маҳсулоти ғизоиро бало набаранд, баръакс миқдоре поин фароранд.

Ӯ нигарон аст, ки баъзе савдогарон ба эҳтикор ё ба таври сунъӣ боло бурдани нарх даст мезананд, ки ин маблағ ба онҳо ҷуз нигаронӣ, нокомӣ ва парешониву ташвишҳо чизе намедиҳад.

«Мо камбуди равған, орд, мевачот надорем. Ҳама анборҳо пур аз ин неъматҳост. Ҳоло ба таври сунъӣ баланд бардоштани нархи маводи мавриди ниёзи аввал, бардоштани нархи дигар маҳсулот, умуман сӯйистифода аз моҳи мубораки Рамазон ё рӯзҳои мубораки ид бисёр гуноҳи азим буда, пайомадҳои нохуш низ дорад»,- таъкид мекунад муфтии Тоҷикистон.

Рӯҳонии маъруфи кишвар Ҳоҷӣ Мирзо Имронов дар робита ба ин масъала мегӯяд, ки тоҷири мусалмон набояд худсарона нархи маҳсулотро боло барад. Махсусан, дар моҳи Рамазон чунин гуфта буд: “Дар моҳи Рамазон мардуми мусулмон набояд дар болои молашон фоиз гузоранд ва нархро гарон кунанд, балки бояд аз сари фоидаҳояшон ҳам бигзаранд. Хоҳанд, ки савоби даҳчанд аз моҳи Рамазон бардоранд, тоҷирон бояд молро бо ҳамон нархе, ки мегиранд, фурӯшанд ва ба камбағалу нодору ятиму барҷомондагон хайру садақа кунанд. Касе, ки дар ин моҳ нархро баланд карда, барои мардум вазнинӣ эҷод мекунад, раҳму инсоф надорад”.

РЕЙДИ МАҚОМОТ

Дар пойтахт масъулини мақомоти дахлдор бо ҷалби кормандони милитсия борҳо барои нигоҳ доштани арзиши молу маҳсулот дар арафаи идҳо талош мекунанд. Аз ҷумла, дар арафаи иди Қурбон мақомоти милитсияи Душанбе 10 фурӯшандаро барои худсарона қимат кардани нархи гӯшт ҷарима бастанд. Ба гуфтаи мақомот, онҳо аз ниёзмандии мардум сӯйистифода кардаанд. Фурӯшандагон дар асоси моддаи 555-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима шудаанд. Ҳарчанд ҳаҷми ҷарима зикр нашудааст, вале тибқи қонун то 3 ҳазор нишондиҳанда (225 000 сомонӣ) ҷарима пешбинӣ шудааст. Аммо бо вуҷуди ҷаримаҳову рейди мақомот, ба тоҷирон дарс намешавад. Амали худро идома медиҳанд. Ба қавли харидорон ҳам, натича чандон назаррас нест. Пас аз рафтани шахсони масъул фурӯшандаҳо нархҳоро боз ба хости худ мегузоранд. Чаро? Масъулини бозор, марказҳои тиҷорат ба кучо менигаранд? Ё онҳо ба ин манфиатдоранду ба ибораи мардум “гӯр сӯзаду дег ҷӯшад”?

У. РАҲИМЗОДА









ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР АРАФАИ ИДИ ҚУРБОН ЯРМАРКАИ МАҲСУЛОТИ НИЁЗИ АВВАЛ БАРГУЗОР МЕГАРДАД.
ЯРМАРКА РӮЗҲОИ 5-УМ ВА 6-УМИ ИЮНИ СОЛИ 2025, ДАР ЧОР НОҲИЯИ ПОЙТАХТ:
-НОҲИЯИ И. СОМОНӢ ДАР БОЗОРИ "МЕҲРГОН",
-НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР - БОҒИ "КУРУШИ КАБИР",
-НОҲИЯИ ФИРДАВСӢ - ҶДММ "БОЗОРИ САХОВАТ"
-НОҲИЯИ СИНО ДАР МАРКАЗИ САВДОИ "ШОМУ САҲАР"
БАРГУЗОР МЕШАВАД.



САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ



МУҚАДДИМА

Муҳимтарин масъалае, ки устод Садриддин Айнӣ ҳаёти худро ба ҳаллу фасли он сарф намудааст, тарғиби зарурати донишандӯзӣ, маърифаткунонии саросарӣ, ташвиқи оммаи мардум барои расидан ба истиқлоли руҳиву равонӣ ҷиҳати ноил гаштан ба пирӯзии инқилоби маданӣ, таъсис, рушд ва пойдории давлати миллии тоҷикон буд.

Мутаассифона, дар шароити кунунӣ, агар бо такя ба принсипи таърихии дарки воқеияти ҳастӣ муҳокимаронӣ кунем, раванди ташаккули мафкураи қисме аз насли ҷавон самти диалектикии *инкори баръакс* – буҳрони хавфноктар аз замони Айниро касб кардааст.

Ҷаҳонбинӣ ва идеологияи хурофотӣ сабаб гашт, созмонҳои экстремистиву террористӣ давра ба давра шакл бигиранд. Ҳалқаҳои махфии он тамоюл ва имконоти барои давлати миллӣ хатарзои афзояндаро аз худ нишон диҳанд.

Ин ҷараёнҳои махлут бо ифроттароӣ дар ягон давр чунин вусъати паҳншавӣ надоштанд, агар даҳшати замони ҷанги шаҳрвандиро истисно кунем.

Омилҳои аслии фоҷиа аз камбуди тарбия дар шароити оила (1), нотавонии мактаб (2), заифии муҳити маънавӣ (3) ва инфрасохтори ташаккули ҳисси ватандории баробарвазн ба ҷаҳонбинии таассубгароёна (4), адами масунияти (иммунитети) ақидавӣ дар муқобили таҳрики ғояҳои зиддимиллӣ (5) сарчашма мегиранд.

Маълум аст, **ҷаҳонбинӣ маҷмуи систематикунонидашудаи муҳтавои руҳи инсон – ангезандаи вокуниши амалии ӯ нисбат ба муҳити атроф аст. Маҳз ҳамин ҷавҳар воқеиятро ба тарзи идеалӣ дар худ инъикос мекунад. Баҳогузорӣ, ҳамзамон нақшаи тағйири онро тарҳрезӣ менамояд. Тимсоли (образи) вазъ ва намунаи оянда чунин дигаргуниро дар ақли худ ҷой медиҳад. "Мебинад". Роҳу восита ва усули бамақсадрасиро интихоб мекунад.**

Бидуни шак, тафсири мазкур ифодаи классикии таърифи шинохти табиат, ҷамъият ва тафаккур аст. **Муҳим ба назар мерасад, ки ҳангоми арзёбии инкишофи ҷаҳонбинии узви ҷомеа, дар маҷмуъ, шуури ҷамъиятӣ, формулаи ёдшуда мадди назар гирифта шавад.** Махсусан, вақте сухан дар бораи ҷараёни ифротишавии ҷомеа, оқибатҳои на чандон дур ва агар пешгирӣ нашавад, фоҷиабори он равад.

Адабиёт муҳимтарин воситаи ташаккули рӯҳ, ҷаҳонбинии воқеӣ – муассиртарин василаи сохтани давлати миллӣ аст. Агар ин амал бо **дарки интихоби мавзуи рӯз,** ҳамчун ниёзи ичтимоӣ – таърихӣ, мақсаднок, устодона, нишонрас, **ба умеди ноил гардидан ба натиҷаи меҳнати нависанда тарҳрезӣ ва анҷом шавад.** Чуноне ки мо онро дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ мебинем.

Мавзуи баҳси мо, тавассути хотиррасон кардани заҳматҳои эҷодии ин нобиғаи илм ва каломи бадеӣ, **кӯшиши наздик кардани адибон ва адабиёти муосир ба дарки ҳолати буҳронии руҳиву равонӣ ва воқеияти вазъи маънавии қисме аз аъзои ҷомеаи имрӯза мебошад.** Зеро муътақид ҳастем: **"Суханҳо ҳеҷ арзише надоранд, агар идеяҳоро ифода намуда, бо далелҳо зарурат ва ҳақиқати онҳо исбот нагарданд"** (В.Г. Белинский. Собрание сочинений. Т.8. – М.: 1982. – С.107).

ЗАРУРАТИ ИҶТИМОИИ АЙНИШИНОСӢ

Аз давраи ба истиқлоли давлатӣ расидани миллати тоҷик чанд даҳсола сипарӣ гашт.

Таърихи навтарин бори дигар исбот кард, халқ замоне соҳибдавлат мегардад, ки зарурати ногузир ва бебозгашти аз кашмакашҳои дохилии ҷомеа раҳо шудани хешро ба куллӣ эҳсос намояд (1), руҳ, маънавиёт ва соҳибиродагии сиёсӣ нишон диҳад (2), шароити таърихӣ ба он созгор ояд (3) ва сарвари қудратманди дорои сифатҳои фавқулода дошта бошад, ки таъсис, ташкил ва раҳбарии давлатро ба уҳда бигирад (4), дар фаъолияти сиёсӣ нақша ва ормонҳои тамаддунии миллатро собитқадамона амалӣ созад (5).

Ба бахти таърихии халқи тоҷик дар вазъи фоҷиабор, ки Тоҷикистон **на ҳамчун мафҳуми ҳуқуқии давлат, балки дар доираи истилоҳи ҷуғрофиёии мамлакат** ҳанӯз ҳам арзи ҳастӣ менамуд, Пешво, саробон ва роҳнамои худро пайдо кард.

Ӯ тавонист шароит, захираҳои маънавӣ ва моддии мардуми хешро ба хотири барқарории давлат, таъмини сулҳу субот, рушду тараққии он хирадмандона сафарбар кунад. Давлати мустақили барои таъмини ниёзҳои сиёсӣ, ичтимоӣ, фарҳангӣ ва маданӣ комгор ва дар муносиботи байналхалқӣ соҳибихтиёр барпо намояд. Ба тарзи дигар, бунёди муассисаи ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллиро, бо назардошти шароити рақобатҳои пешгӯинашавандаи геополитикӣ, асос гузорад ва устувор созад.

Дуруст аст, **"ёдоварии давлат набояд чизи дигаре бошад, ғайр аз рӯйдодҳои муассир. Давлат муҳокимаронӣ намекунад. Ҳарф намезанад. Аз худ фаъолияти натиҷаманд нишон медиҳад".** *(В.Г. Белинский. Т.4. – М.: 1954. – С.7).* Ин аст табиати таъйиноти принсипиалӣ ва императивии давлат.

Аммо яке аз классикони фалсафаи эмпиризм меомӯзад: **"Инъикоси табиатро дар тафаккури инсон бояд на ба тарзи "шахшудамонда", на ба тарзи "номуайян", на бидуни ҳаракат, на бидуни зиддият, балки дар шакли абадии ҳаракат, рух додани зиддиятҳо ва ҳаллу фасли онҳо фаҳмидан лозим аст"** *(Иқтибос аз асари Л. Живкович. Теория социального отражения. –М.: Прогресс, 1969. – С. 49).*

Собиқ давлати пуриқтидори дар шашяки рӯйи замин истиқрор, **ин қонунмандии диалектикиро сарфи назар кард. Шикаст хӯрд.** Аз харитаи сиёсии олам нопадид гашт.

Дар алоқамандӣ бо чунин воқеият, дар шароити кунунӣ масъалаи **ҳифз ва афзун гардонидани дастовардҳои муҳимми замони Истиқлол** аз мавзуҳои марказии давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо дарки ҳақиқати воқеӣ ва тибқи он ноил гаштан ба пешрафт ва муваффақият, дар раҳи рост муяссар намегардад. Тибқи ифодаи мантиқии Аристотел дар асари машҳураш "Сиёсат", **давлат мебояд раванди ташаккули мафкураи сиёсии аҳли ҷомеаро мадди назар бигирад. Ба он таъсиргузор бошад.**

Дар ин маврид, **формулаи ҳолати муайянқунандагӣ доштани ҳастӣ нисбат ба руҳ ва ҷаҳонбинӣ, зуҳуротеро касб кардааст, ки мутаассифона, дараҷаи донишу хиради қисме аз аъзои ҷомеаи мамлакатҳои мусулмоннишин ба фаҳми муҳтавои найрангҳои геополитикӣ намерасад. Ба осонӣ, дар кӯтоҳмуддат онҳоро раҳгумзада мекунонад.** Аз манзалати истифодабаранда ва ҳимоякунандаи манфиатҳои миллӣ, **"дареғу дард, ки ғофил зи кори хештан"** *(Ҳофиз),* **ба унсури истифода ва роҳбаришаванда ҳамчун усулу восита** мубаддал мегардад.

Ба ин мантиқ, сухани Уинстон Черчил шоистаи ёдоварист. Ӯ дар оғози **Ҷанги дуюми ҷаҳон,** дар хусуси нафари ташаббускори он, бо таассуфу нафрат, изҳор дошта буд: **"Бубинед, як ефрейтор тамоми дунёро ба даҳшат оварда".**

Сухан сари муаммоест, ки ҳамагӣ чанд ашхоси ҷаҳолатпешаи аз **мантиқи миллат ва манфиатҳои миллӣ, давлат ва давлатдорӣ** ноогоҳ, бар болои **"ҷумҳурии мардумаш саросар босавод",** чунон мушкил эҷод карданд, ки ҳазорон назариётчӣ, олим, мутафаккир ва сиёсатмадору давлатдор дар посухгӯйӣ ба он суолот лол монданд.

Сабаби ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон низ, аз ҳамин ҳақиқат иборат буд.

Боиси таассуф аст: **"Таърих ба инсон меомӯзад, ки инсон аз таърих чизеро намеомӯзад"** *(Г.В.Ф. Гегель. Лекции по философии. – Санкт-Петербург: 2000. – С. 55).*

Акнун ҳамарӯза шоҳиди он муаммое ҳастем, ки ҷаҳолат, таассуб, торикӣ, бефарҳангӣ, нодонӣ, чорагарӣ, бедонишиву носипосӣ, осоиш аз омӯхтан, илмситезӣ ва натиҷаи он оҳарманӣ – ҳанӯз ҳам дар ҳазор шакли хурофот дар муқобили сохти давлатдорӣ, донишситоӣ, ақлгароӣ, нексиголӣ, додгарӣ, ватанпарварӣ, хидматгузорӣ ба халқу миллат, рисолатшиносӣ, ҳушмандӣ, балоғатсолорӣ, номусгароии аҳли Аҷам муборизаи ошкору пинҳон мебаранд. Дар олами ғаразпарвар растагор мечӯянд. Пуштибон меёбанд. Гоҳе муваффақ ва дастболо мешаванд.

Тули асрҳо мушкили аслӣ ва фоҷиабори миллати тоҷик ҳамин буд ва ҳаст.

Ба ҳамаи ин суолҳо дар осори ҷовидонаи Садриддин Айнӣ посух ёфтан мумкин аст. Онҳо дастур ва роҳнамои маорифи халқ мебошанд, на танҳо барои Вазорати маориф.

САДРИДДИН АЙНӢ – САРЧАШМАИ МАЪНАВИИ ТАЪСИС ВА ТАҲКИМИ СОХТИ ДАВЛАТДОРӢ

Масъалаи **муҳтаво, руҳ, мантиқ, мундариҷа ва маънавиёти миллӣ** истилоҳоти мураккаб ҳастанд. Агар мо онҳоро ҳамчун **мафҳум, категория ё дефинитсия** истифода кардан бошем. Агар мо бо ин "силоҳ" вориди баҳс шуданӣ бошем.

Дар яке аз мусоҳибаҳои охирин, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мунаққиди барҷаста Соҳиб Табаров коромад, сифат, мундариҷаи адабиёти пешин ва муосирро бо ҳам муқоиса карда, аз ҷумла, мегӯяд:

"...бо вуҷуди ин мани 23-соларо соли 1947 ба аъзогии Иттифоқи нависандагон пазируфтанд. Он вақт иттифоқ 33 аъзо дошт. Ҳоло 400-500. Он вақт ҳар сол, аққалан, 10-15 асари нағз ба дасти хонанда мерасид. Аммо имрӯз дар 10-15 сол як асари хуб ҳам ба майдон намеояд. Имрӯз ҳама узви Иттифоқ...

Канӣ шумо ду се адиби замони Истиқлолро ба ман гӯед, ё китобашро ба ман ored... ман кӯру кар. Асарашро баланд – баланд хонед. Ман фаҳмам. Ана баъд мебинем. Наметавонед! Зеро нест!" *(Ҳафтаномаи "Тоҷикистон", №15. 15.04.2015)*

Ба гуфти В.Г. Белинский, асар ҳамон аст, ки хонанда онро на кам аз ду бор, батакрор, бо иштиёқ хонад. Ва ба дигарон бо завқи баланд қисса намояд.

Дар муддати сад соли мавҷудияти Тоҷикистон ҳамчун истилоҳи сиёсӣ, **муҳтаво ва ҷараёни ташаккулёбии шуури миллӣ** аз мавзуъҳои марказии қаламбадастони ватанпараст маҳсуб мегардид.

Сарфи назар аз камбудиҳо, адабиёти бадеӣ, матбуот, васоити ахбори умум, дар маҷмуъ, дар ин ҷараёни масъулиятноки таърихӣ нақши мусбат доштанд.

Албатта, ичрои муваффақонаи ин вазифа кори саҳл нест.

Қудрати нависанда, тавонии ӯ дар истеъдод (1), донишу хирад ва фазилати (2) ӯст. Асоснокии ин фарзияро академик будани нависандагони бузург Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Чингиз Айтматов ва баъзе аз қаламкашони сатҳи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад.

Адабиёт илм аст. Нависандаи ҳақиқӣ олим. Ӯ медонад, ки адабиёт ҳам шакли фаъолияти пурмуҳтавои ҷомеаи инсонист. Мақсад аз он омӯхтан, тадқиқи оламу одам, тафаккур, равандҳои ҷомеа, ҷараёнҳои табиат ва қонунмандиҳои тараққиёти онҳост. **Баръакс, ба адабиёти воқеънигорӣ ҳеҷ зарурат наменамонд, агар байни зуҳурот ва моҳияти раванди ҳастии ҷамъиятӣ номуайянӣ, нофаҳмӣ, мавҳум ва тазод вуҷуд намедошт.**

Шарт нест, ки адиб аз доираи салоҳияти худ берун ва ба илм машғул шавад.

(Давомаш дар саҳ. 11)

САРМОЯГУЗОРӢ

Дар шароити рақобати шадиди иқтисодӣ кишварҳои рӯ ба рушд барои ҷалби сармоягузорӣ, рушди саноат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба воситаҳои муассири иқтисодӣ рӯ меоранд. Яке аз чунин воситаҳо таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад. Дар Тоҷикистон бо дарки аҳамияти ин платформаҳо, чанд минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудаанд. Яке аз муваффақтарини онҳо МОИ-и Данғара мебошад.



МОИ-И ДАНҒАРА

Намунаи муваффақ дар ҷалби сармоя

САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ДАНҒАРА

МОИ-и Данғара дар ҷанубӣ кишвар ва дар як минтақаи стратегӣ ҷойгир аст. Он дар масоҳати 541 гектар бунёд гардидааст. Ҳоло 37 ширкати ватаниву хориҷӣ ҳамчун субъектҳои иқтисодӣ дар он ба қайд гирифта шудаанд. То имрӯз дар минтақа наздики 600 ҷойи корӣ таъсис ёфтааст. Ин нишондод, бо дарназардошти зарфияти афзоиш, бозгӯи он аст, ки МОИ на танҳо ба рушди иқтисодӣ, балки ба беҳбудии иҷтимоии аҳолии маҳаллӣ низ саҳми мустақим мегузорад.



Бино ба маълумоти оморӣ, дар соли 2024 ҳаҷми умумии сармоягузорӣ аз ҳисоби субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ 34 миллион сомониро ташкил додааст. Аз оғози фаъолият то имрӯз бошад, ҳаҷми умумии сармоягузориҳо беш аз 2 миллиард сомонӣ арзёбӣ мегардад. Чунин миқёси сармоягузорӣ гувоҳи эътимоди ширкатҳо ба иқтидори иқтисодии кишвар ва сиёсати давлати Тоҷикистон мебошад.

Дар соли 2024 ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда дар МОИ-и Данғара 54 миллион сомониро ташкил додааст. Ширкатҳо ба истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ, металлоконструксияҳо, қубурҳои полиэтиленӣ, маҳсулоти ороишии сохтмонӣ, меваи хушк ва дигар маҳсулоти саноатии серхаридор машғуланд.

НАҚШИ МОИ-И ДАНҒАРА

МОИ-и Данғара ҳамчун платформаи саноатӣ барои рушди истеҳсолоти дохилӣ, ҷалби технологияҳои нав, боло бурдани иқтидори содиротии кишвар ва таъмини шуғли аҳолӣ хизмат мекунад. Илова бар ин, ҷойгиршавии он дар наздикии роҳҳои муҳими нақлиётӣ имкон медиҳад, ки он ба як маркази муҳими логистикӣ низ табдил ёбад.

Ба андешаи коршиносон, таъсири чунин минтақаҳо танҳо ба маҳдудияти худи ноҳия ё вилоят нест. Онҳо ба иқтисоди миллӣ такони ҷиддӣ ва Тоҷикистонро ба як бозигари муҳими минтақа дар бахши саноат ва савдо табдил медиҳанд.

Ҳолати кунунии Минтақаи озоди иқтисодии Данғара собит менамояд, ки сиёсати давлати Тоҷикистон дар самти ташкили МОИ натиҷаҳои назаррас оварда истодааст. Бо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, рушди истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ МОИ-и Данғара метавонад ба як намунаи муваффақи рушди устувори иқтисодӣ табдил ёбад. Бинобар ин, идомаи дастгирии давлатӣ ва ҷалби бештари сармоягузорони хориҷӣ метавонад ояндаи дурахшони ин минтақа ва умуман иқтисоди Тоҷикистонро таъмин намояд.

Усмон РАҲИМЗОДА

ТИҶОРАТ

СУҒД ВА ТЮМЕН ҲАМКОРИРО ГУСТАРИШ МЕДИҲАНД

Дар доираи сафари кории ҳайати вилояти Суғд ба вилояти Тюмен, мулоқоти раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода бо губернатори вилояти Тюмен Александр Моор баргузор шуд.



Зимни мулоқот ҷонибҳо дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои байниминтақавии Тоҷикистон ва Русияро мавриди баррасӣ қарор доданд. Таъкид гардид, ки самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ байни ду минтақа бахшҳои саноат, кишоварзӣ, тандурустӣ, илм ва маориф, фарҳанг ва сайёҳиро дар бар мегиранд.

Раҷаб Аҳмадзода изҳор дошт, ки вилояти Суғд дорои иқтидори бузурги саноатӣ ва кишоварзӣ аст. Вилоят омода аст, ки барои рушди ҳамкориҳои судманд бо вилояти Тюмен саҳмгузор бошад.

Губернатори вилояти Тюмен Александр Моор бошад, изҳор кард, ки вилояти Суғд намунаи рушди босуръати иқтисодӣ аст. Вай изҳори итминон кард, ки бо дарназардошти ҳадафҳои стратегӣ, ки аз ҷониби роҳбарияти олии ду кишвар муайян шудаанд, минтақаҳои Суғду Тюмен метавонанд дар таҳкими равобити Тоҷикистону Русия нақши муассир бозӣ кунанд.

Ҳайати вилояти Суғд зимни сафар ба вилояти Тюмен, аз иншооти муҳими шаҳр, аз ҷумла маркази тиббии Тюмен, технопарк, Донишгоҳи давлатии Тюмен, корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ боздид ба амал оварданд.

ОМОР

4,9 МЛН ИСТИФОДАБАРИ ИНТЕРНЕТ ДАР ТОҶИКИСТОН

Ба ҳолати 1-уми апрели соли ҷорӣ истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон ба 4,9 миллион ва алоқаи барқӣ ба 8,3 миллион муштарӣ расидааст.

Ба иттилои Агентии омори Тоҷикистон, аммо 5,3 миллион муштарии фаъоли алоқаи мобилӣ мебошанд.

Афзоиши истифодабарандагони интернет ва алоқа як нишондиҳандаи муҳими пешрафт ва имконият барои рушди иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон аст.



МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ



ҚАЛЛОБОН ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ

Чӣ гуна бояд худро аз онҳо муҳофизат кард?

Мо дар замони рушди босуръати технология қарор дорем. Истифодаи телефонҳои ҳушманду мессенҷерҳо бештару муомилоти молиявӣ осон шудаанд. Аммо, дар баробари ин ҳама пешрафт, хавфҳои зиёд, аз ҷумла қаллобии рақамӣ афзудааст. Махсусан, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳои "Телеграм", "Вотсап" ва "Фейсбук" мардум ба фишору фиреби иттилооти бардурӯғ ва қаллобӣ дучор мегарданд. Чӣ гуна метавон аз онҳо эҳтиёт кард?

ПАЙВАНДҲОИ ШУБҲАНОКРО БОЗ НАКУНЕД

Бино ба тавсияи мутахассисон, ҳама гуна барномаҳоро танҳо аз App Store ё Play Market боргирӣ намоед. Бисёре аз барномаҳои фиреб ё фейк метавонанд маълумоти шахсии шуморо дуздида, телефони шуморо вируснок созанд. Пеш аз насб кардан, ҳатман аз дӯстон ё шахсони боэътимод дар бораи барнома маълумот пурсед.

Қаллобон бо истифода аз пайвандҳои "ссилка"-ҳои шубҳанок кӯшиш мекунанд ба сомонаҳои сохтаашон шуморо ворид намоянд. Аксаран чунин пайвандҳо бо "http" оғоз мешаванд, на бо "https". Ин нишонаи набудани амният аст. Ҳамчунин, пайвандҳое, ки рамзҳои нофаҳмо доранд ё тахфиф ва бурдҳои аз ҳад зиёд ваъда мекунанд, хатарноканд.

МАЪЛУМОТИ КОРТРО МАХФӢ НИГОҲ ДОРЕД

Рақами корти бонк, муҳлати истифода ва махсусан рамзи серақамаи паси корт (CVV) бояд танҳо дар ҳолати зарурӣ ба сомонаҳои расмии боэътимод ворид карда шавад. Ин маълумотро ҳеҷ гоҳ дар паёмак, мессенҷер ё телефон ба шахсони номаълум надиҳед. Қаллобон метавонанд бо гирифтани ин маълумот маблағи шуморо пурра дузданд.

Аз фишинг, ки доми хатарноки иттилоотии қаллобон аст, боэҳтиёт бошед. Фишинг як навъи қаллобии рақамӣ мебошад, ки ҳадафаш ҷамъоварии маълумоти молиявии шахсӣ аст. Масалан, паёмаке меояд: "Ба ин пайванд дароед ва бурди худро гиред" ё "Барои тахфифи 90% инҷо клик кунед". Дар асл, чунин пайвандҳо шуморо ба сомонаҳои сохта мебаранд, пас аз ворид кардани маълумот, маблағи шуморо дуздида метавонанд.

ЧӢ БОЯД КАРД?

Агар эҳсос кардед, ки маблағи шуморо дуздидаанд, фавран кортро дар барномаи мобилии бонк масдуд кунед. Бо рақами муроҷиати бонк тамос гиред ва ҳодисаро шарҳ диҳед. Дар ҳолатҳои ҷиддӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намоед. Имрӯз бисёре аз бонкҳо имконияти масдудкунии фаврии кортро дар замимаи мобилӣ медиҳанд, ин як воситаи муҳими муҳофизат мебошад.

Ҳушёр бошед, ба ҳар паём бовар накунед ва танҳо аз манбаъҳои боэътимод, яъне бонкҳо истифода намоед.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД



(Идома аз шумораҳои гузашта)

МАЗОРИ ШАРИФ

Дар Мазори Шариф касе ба истиқболи Муродуллоҳ набаромад. Баробари аз таксӣ фуромадан, ӯ ҷониби бинои намояндагии Шӯравӣ роҳ пеш гирифт. Шаҳр мисли ҳамеша пур аз ғубор ва бӯйи газу нафт буд.

Наздикии коргоҳ назараш ба марди афғон афтод, ки дар кору бору рӯзғори мутахассисони шӯравӣ кумак мекард. Ӯ Муродуллоҳро шинохт ва аз дасташ ҷомадонро гирифт.

Онҳо суҳбаткунон ҷониби коргоҳ рафтанд. Саҳни коргоҳ ором буд. Муродуллоҳ ба дафтари кори сармеханик даромад. Сармеханик иваз шуда буд. Баъд аз пурсупос вай Муродуллоҳро ба назди роҳбари намояндагии Шӯравӣ дар шимоли Афғонистон А. Сафронов бурд.

Дар утоқи А. Сафронов, ки аз мутахассисони баландмақоми шӯравӣ буд, онҳо суҳбати тӯлоние доштанд.

- Мо ба мутарҷими баландихтисос зарурат дорем. Шумо таҷрибаи хуби корӣ дар Мазори Шариф доштед, дар Шибирғон ҳам хуб кор кардед. Ҳоло гурӯҳи мутахассисон аз Ленинград омадаанд. Ба онҳо тарҷумоне лозим аст, ки бо муҳити маҳаллӣ ошно бошад, забони дариро хуб донад ва аз ҳама муҳим, бо мардум забон ёфта тавонад. Мувофиқи шуниди ман, шумо ин сифатҳоро доред. Барои ҳамин, шуморо аз Шибирғон ба марказ овардем.

Муродуллоҳ гӯш кард ва фақат сари тасдиқ ҷунбонда, гуфт:

- Ташаккур барои эътимод. Кӯшиш мекунам сазовор бошам.

Муродуллоҳ аз утоқи корӣ берун шуд. Ҳамоно боди сард мевазид. Ба манзили зисташ рафт, ки дар канори маркази шаҳр қарор дошт. Дида ба осмон дӯхт. Афғонистонро акнун бо чашми дигар медид, на ҳамчун кишвари будубоши маваққатӣ, балки саҳнаи масъулият ва рисолат.

БОЗГАШТ БА ДУШАНБЕ

Бегоҳии тирамоҳи соли 1970. Муродуллоҳ Шерализода - касе, ки солҳои тӯлонӣ дар сарзамини Афғонистон бо мардум, забон ва фарҳанги он унс гирифта буд, бо як ҷомадон ва диле саршор аз андешаву нақшаҳои тоза ба қатораи самти Душанбе нишаст.

Гусели ӯ гарм ва самимӣ буд. Дӯстону ҳамкорон, ки ӯро бо эҳтиром ва меҳр мешинохтанд, ӯро то истгоҳ ҳамроҳӣ карданд. Доктор Шарафӣ, ки наздики рӯ ба рӯяш истода буд, дасташро сахт фишурда, гуфт:

- Мо бозгашти туро интизорем...

Пас аз убури сарҳад, Муродуллоҳ лаҳзае сукут варзид. Ба хоки ватан, ки пас аз солҳо боз по бар он мениҳод, бо эҳсос нигоҳ кард. Ҳар қадаме ба сӯйи Душанбе гӯё сафари дубора ба хотираҳо ва гуфтугӯҳои гузашта буд. То ба пойтахт расидан вақт буд, вале қалби ӯ пештар мерафт.

Субҳи барвақт қатора ба истгоҳи роҳи оҳани Душанбе расид. Нахустин шуоъҳои офтоб рӯи кӯҳҳои гирду атроф медурахшиданд. Вақте ки Муродуллоҳ пой ба зина гузошт, овози “Муродуллоҳ омад!” фазоро пур кард. Дӯстону ҳамкорон, шиносону наздикон бо чеҳраҳои пурнур ва табассумҳо ба пешвоз омада буданд.

Ӯ ба хиёбони Садриддин Айнӣ назар андохт - кӯчаҳои шинос, садоҳои ошно. Медонист, ки ин бозгашт танҳо бозгашти ҷисмонӣ нест. Ӯ бо худ як ҷаҳони дигар оварда буд: таҷриба, хотира, нақшаҳои нав, китобҳои арзишманд ва муҳимтар аз ҳама - эҳсоси масъулият.

Бо як ҷомадон дар даст ва нигоҳи умедбор, ки ба оянда дӯхта шуда буд, қадам ба самти хона гузошт - самти мардум, самти рисолати нав.

Субҳ, хомӯшона, ба кӯчаи Маяковский расид - кӯчае, ки замоне макони гуфтугуҳои пуршӯри ҷавонони зиёӣ буд. Дар саҳни ҳавлӣ модар, ки дар интизори фарзанд рӯз мешумурд, бо ашки шодӣ ба пешвози ҷигарбандаш баромад. Он лаҳза дар чашми ҳамсояҳо мисли як кинои зинда ҷилвагар шуд: ҷавонмарде, ки ҷомадонро ба замин гузошта, ба оғӯши модар мешитобад...

Муродуллоҳ ором нанишаст. Баҳри рисолати нав ба кори илмӣ рӯй овард. Ӯ дар Институти таърихи Ҳизби коммунист ба ҳайси ходими илмӣ ба фаъолият шуруъ кард.

Аз рӯзҳои аввал маҳорати таҳлил, дониши жарф ва таҷрибаи зиндаи ӯро ҳамкорон эҳсос карданд. Ӯ зуд дар доираи муҳаққиқон ва рӯзноманигорон ҳамчун мутахассиси варзида шинохта шуд.

Аз ҷумла, дар сар дошт, ки як асари мукаммал дар бораи нақши тоҷикон дар муборизаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии Осиёи Марказӣ таҳия намояд - бо такя ба ҳақиқат, бо нигариш ба адолат ва бо қалби ба вичдон тобеъ.

КИТОБИ НОТАМОМ

Соли 1991 дар рӯзномаи «Садои мардум» ҳамкории ман бо Муродуллоҳ Шерализода оғоз ёфт.

Дар яке аз он рӯзҳо, бо он кас суҳбати тӯлоние доир ба китоби таърихии Муҳаммад Ғубор - «Афғонистон дар масири таърих» доштем. Суҳбати мо ба як гуфтугӯи амиқи фикрӣ табдил ёфт. Он вақт, ба унвони рӯзноманигор гуфтугӯро дар дафтарчаи худ сабт карда будам. Чанде пеш, ҳангоми чустучӯи як ҳуҷҷате, онро пайдо кардам. Саҳифаҳояш зард шуда бошанд ҳам, вале ҳарфҳо хоно буданд.

Акнун, онро ба шакли мусоҳиба рӯйи коғаз овардам ва пешкаши шумо мекунам, то бидонед садои як шахсиятеро, ки таърихро мехонд, балки онро эҳсос мекард.

- Баъди бозгашт аз Афғонистон, дар фазои илмии Тоҷикистон фаъолиятро аз чӣ оғоз кардед?

- Вақте аз Афғонистон баргаштам, мақсадҳои бузургеро наздам гузошта будам. Солҳо дар он кишвар на танҳо тарҷумонӣ кардам, балки таърих, ҷомеа ва ранҷу умеди мардумро бо чашми хеш дидам ва омӯхтам. Дар Душанбе тасмим гирифтам, ки кори илмиро оғоз намоям. Дар Институти таърихи ҳизб ба кор даромадам, зеро медонистам, ки ин ҷо метавонам аз таҷрибаҳои хеш барои таҳқиқ ва омӯзиши воқеиятҳои минтақа истифода барам.

- Китоби "Афғонистон дар масири таърих" чӣ гуна ба дасти шумо расид ва чаро ба тарҷумаи он пардохтед?

- Ин китобро ҳанӯз дар Афғонистон ба даст оварда будам. Ман он замон ба масоили таърихи Афғонистон таваҷҷуҳ доштам. Вақте китобро хондам, ҳис кардам, ки бисёр воқеаҳо, бахусус дар бораи тоҷикон, яктарафа ва ҳатто таҳқиромез навишта шудаанд. Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, ки бори аввал як тоҷик дар сари қудрат нишаста буд, ҳамчун як шахсияти заифу ноқобил тасвир шуда буд. Ин ба ман сахт расид.

- Шумо худ ҳукмронии кӯтоҳи Ҳабибуллоҳхонро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Ин як давраи кӯтоҳ буд, вале пурмаъно. Ҳабибуллоҳхон бо вучуди набудани таҷрибаи сиёсӣ, яке аз аввалин тоҷикон буд, ки тавонист алайҳи зулму беадолатӣ дар Афғонистон мубориза кунад. Ӯ пуштибонии мардумро дошт ва як ҳаракати оммавиро сарварӣ мекард. Албатта, душманонаш зиёд буданд ва кумакҳои хориҷӣ, махсусан аз Британиё ба Нодирхон суқути ӯро сабаб шуданд. Вале ин маъно надорад, ки ин давра бояд нодида гирифта шавад.

- Чаро шумо тасмим гирифтед, ки китобро тарҷума кунед?

- Ман ҳис кардам, ки таърихи ин давраи Афғонистон бояд таҷдиди назар шавад. На бо чашми ғолибон, балки бо дидаи ҳақиқат. Ман мехостам на танҳо тарҷума кунам, балки бо шарҳу эзоҳҳо он қисматҳоро, ки ба миллати тоҷик тааллуқ дошт, таҳлил намоям. Ин кори осон набуд, вале вазифаи виҷдониам шуморидам.

- Шумо ҳоло ба ин таърих чӣ гуна менигаред?

- Таърих майдони муборизаи хотираҳост. Миллате, ки таърихи худро нафаҳмад, пайваста аз нав фиреб мехӯрад. Ман ҳамеша бар он будам, ки таърих бояд ба таври мунсифона ва воқеӣ навишта шавад, на аз нигоҳи ғолибону тамалуқкорон.

(Давом дорад)

Шариф Ҳамдампур



«ЧИН – ОСИЁИ МАРКАЗӢ»

Баргузории форуми расонаҳо дар Остона

29-уми май дар шаҳри Остона - пойтахти Қазоқистон Форуми расонаҳои «Чин - Осиёи Марказӣ-2025» баргузор шуд, ки дар он беш аз 250 нафар намояндагони васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии мардумии Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон иштирок намуданд. Форуми мазкур аз ҷониби нашрияи чинии "Жэнмин Жибао" ташкил шуд.

Форум бо номаи шодбоши президенти Қазоқистон Қосим Жомарт Тоқаев оғоз шуд, ки онро Арман Кирикбаев - мушовири президенти Қазоқистон доир ба сиёсати дохилӣ ва иртиботот ба самъи ҳозирин расонид.

Дар паёми Қосим Жомарт Тоқаев ба нақши муҳими иттилоот дар таҳкими ҳамкориҳо миёни кишварҳо ишора шуд.

"Сиёсати дурусти иттилоотӣ метавонад дар шароити ҳассоси кунунӣ иртиботи байни кишварҳоро таҳким бахшад",- зикр мешавад дар паёми Тоқаев.

Президенти Қазоқистон дар суханронии хеш ба гузаштаи равобити Чин ва Осиёи Марказӣ дар мисоли Шоҳроҳи Абрешим ишора карда, дар замони муосир ташаббуси "Як камрбанд, як роҳ"-ро платформаи самарабахш барои таҳкими ҳамкориҳо арзёбӣ намуд.

"Дар густариши ин ҳамкорӣ намояндагони ВАО бо иттилооти дуруст ва созанда нақши муҳим мебозанд",- таъкид кард ӯ.

Ноиби роҳбари шуъбаи таблиғоти Ҳизби коммунисти Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Хэпен низ дар суханронии хеш нақши расонаҳоро дар густариши муносиботи Чин бо кишварҳои минтақа муҳим арзёбӣ карда, намояндагони ВАО-ро ба ҳамкории дастаҷамъона даъват намуд.

Муовини сармуҳаррири рӯзномаи "Женмин Жибао" Фан Чиншин дар суханронии хеш даъват кард, ки миёни намояндагони ВАО-и Чин ва кишварҳои Осиёи Миёна механизми ҳамкорӣ "бо формати васеъ, гуногунчанба ва устувор" ба вуҷуд ояд.

"Мо бояд ҳамкории расонаҳоро ба сатҳи нав барорем ва барои наздикшавии бештари кишварҳои минтақа ва таҳкими ҳамкориҳо талош кунем",- гуфт номбурда.

Сухроб Рауфзода, сармуҳаррири нашрияи "Минбари халқ" дар суханронии хеш таъкид кард, ки ВАО дар шароити муосир бояд пеш аз ҳама дар гуфтугӯйи байнифарҳангӣ саҳмгузор бошад, зеро ба гуфтаи ӯ, "нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ меафзояд ва иттилоот ба яке аз воситаҳои шаклдиҳии ояндаи инсоният табдил ёфтааст".

Рауфзода ба густариши ҳамкориҳои Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар 30 соли охир ишора намуда, ташаббуси "Чин - Осиёи Марказӣ - сарнавишти ягона"-ро, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии мардумии Чин Си Ҷин Пин соли 2022 дар видеосаммит бахшида ба 30-солагии равобити дипломатии ин кишвар бо кишварҳои Осиёи Марказӣ эълон шуда буд, саҳифаи нави ин ҳамкориҳо арзёбӣ намуд.

"Мисоли хуби равобити ВАО-и Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд ҳамкорӣ миёни роҳбарони кишварҳои мо бошад, ки бар асоси дӯстии самимӣ, эҳтироми якдигар ва эътимоди устувор, инчунин ҳамкории созанда ва самаранок асос ёфтааст",- таъкид дошт номбурда.

Сухроб Рауфзода пешниҳод кард, ки дар оянда ВАО-и Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориро дар самти мубодилаи иттилоот ва тачриба, такмили ихтисоси кормандони ВАО ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки расонаӣ густариш диҳанд.

Дар суханронии намояндагони ВАО-и Чин, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон дар бахшҳои дигари форум вазъи ВАО дар шароити муосир, аз ҷумла рушди интернет, зеҳни сунъӣ ва хатарҳои иттилоотӣ, густариши ҳамкориҳо ва дурнамо баррасӣ гардиданд.

Форуми расонаҳои "Чин - Осиёи Марказӣ" дар соли 2025, ки 29-уми май дар Остона оғоз шуд, рӯзҳои 30 ва 31-уми май дар шаҳри Алма-ато дар формати пресс-тур идома ёфт. Рӯзноманигорон бо корхонаҳои муштараки Ҷумҳурии Мардумии Чин бо Ҷумҳурии Қазоқистон ошно шуданд. Форум ва пресс-туре, ки нашрияи чинии "Жэнмин Жибао" баргузор кард, майдони муносиб барои тақвияти ҳамкорӣ миёни намояндагони ВАО арзёбӣ шуд.

Одил СОҲИБЗОДА







ТО ИШҚ ҲАСТ, ШЕЪР ҲАСТ

Гузориш аз маҳфили "Ҳумоюн"

30-юми май дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ маҳфили адабии "Ҳумоюн" бо ширкати ду чеҳраи маъруфи адабиёти тоҷик - Фарзонаи Хуҷандӣ ва Толиб Карими Озарахш баргузор гардид.





Он рӯз толори театр, ҳатто ошёнаи дуюм пур аз мухлисон буд. Бисёриҳо ҷойи нишаст наёфтанд. Мутасаддиён дар роҳравҳо курсиҳои иловагӣ гузошта, меҳмононро ҷой карданд. Бисёре сари по истоданд.

Маҳфилро Давлат Сафар, муовини вазири фарҳанги Тоҷикистон ҳусни оғоз бахшида, шоиронро ба саҳна даъват кард. Мухлисон бо кафкӯбиҳои пурмавҷ ва тӯлонӣ шоиронро истиқбол гирифтанд.

Фарзона ва Озарахш нахуст аз пазироии гарму самимии дӯстдорони шеърашон изҳори сипос намуданд. Ин ду шоири шаҳир, ки тоза аз Эрон баргаштанд, аз муҳаббату эҳтироми ҳамзабонон нисбати мардуми тоҷик ёдовар шуда, аз нашри ду китобашон дар Теҳрон мужда доданд. Маҷмӯаи ғазалиёти Фарзона таҳти унвони "Сетор" ва китоби шеърҳои Озарахш таҳти унвони "Ба баҳонаи баҳорон" дар Теҳрон бо ҳимояти молии Сафири Эрон дар Тоҷикистон Алиризо Ҳақиқиён дар нашриёти "Хирадгон" чоп шуд.

Озарахш дар мавриди нашри китобҳояшон дар Теҳрон дар суҳбат бо мо гуфт: "Шеъри тоҷик шеъри форсӣ аст ва хонандаи Эрон ҳам хонандаи шеъри Тоҷикистон аст. Аз нашри ин китобҳо дар Эрон хеле шод ҳастем".

Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким дар суханронии хеш аз маҳбубияти Озарахшу Фарзона дар байни мухлисон ёдовар шуда, гуфт: "Имрӯз дар даромадгоҳи толор чандин олимону пажӯҳишгарон ва нафарони барӯмандро дидам, ки аз роҳашон гаштанд. Аз онҳо пурсидам, ки чаро намедароед? Гуфтанд, ки ҳама ҷо пур аз мухлисон аст. Ман гуфтам, набошад ба ман ҳам ҷой нест...".

Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб дар суханронии хеш гуфт: "Озарахшу Фарзона аз ҷумлаи шоироне мебошанд, ки воқеан заҳмати бисёр мекашанд, ҷон мекананд ва барои рӯсурхии халқу миллат хуни ҷигар мешаванд. Ҳамин аст, ки ҳамагон қадрашон мекунанд".

Муҳаммад Ғоиб васфи шеъри Фарзона намуда, аз ҷумла қайд кард: "Табъи Фарзона дар шеър чунон равон аст, ки ҳар чизе менависад, як паҳлуи тоза, ширинӣ ва оҳанги нав меёбад, ӯ ба ҳар сухан тобиши наву хосса медиҳад, албатта ин ҳунари баланд аст".

Дар давоми маҳфил Озарахш ва Фарзона шеърҳои тозаэҷоди худро қироат ва аз зиндагии хеш қиссаҳои ҷолиберо нақл карданд.

Ҳамчунин, сарояндагони маъруф Хосияти Зарафшонӣ ва Афзалшоҳи Шодӣ бо ҳунарнамоии хеш табъи ҳозиринро шод намуданд.

Шогирдони Озарахшу Фарзона дар маҳфил шеърҳои тозаэҷоди хешро қироат карданд.

Дило ДОРОБШОЕВА,
"Тоҷикистон"

КОРМАНДОНИ БАХШИ МОЛИЯИ БОХТАР БА КОРИ ХУД САДОҚАТ ДОРАНД

“Ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад”.

Эмомалӣ РАҲМОН, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон



Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар фаъолияти кории худро дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору супоришҳои Ҳукумати кишвар, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Сарраёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба татбиқи пешбурди фаъолияти молиявӣ дар самти буҷету андоз, самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ, назорати ҳисоби дуруст, пурра ва саривақт ба буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ ворид намудани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ равона намуда, дар чор моҳи аввали соли 2025 ба натиҷаҳои назарас ноил гардидааст.

Бино ба иттилои сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар Рустам Шарифзода, буҷети шаҳри Бохтар дар соли 2025 бо Қарори мачлиси вакилони халқи шаҳр аз 13-уми декабри соли 2024, №242 аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои даромад ба маблағи 421,3 млн сомонӣ, аз он ҷумла буҷети суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ба маблағи 140,2 млн сомонӣ, ҳиссачудокуниҳо аз рӯи 3 намуди андозҳо ба буҷети вилоятӣ ба маблағи 90,3 млн сомонӣ, даромадҳои маҳаллӣ ба маблағи 190,8 млн сомонӣ ва харочоти буҷети маҳаллӣ ба маблағи 190,8 млн сомонӣ қабул карда шудааст.



Мувофиқи ҳисоботҳо, дар чор моҳи аввали соли 2025 нақшаи қисми даромади буҷети шаҳр аз рӯи контингенти умумӣ ба андозаи 104 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 111,0 млн сомонӣ нақшаи пешбинигардида ба буҷет 115,8 млн сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақша 4,8 млн сомонӣ зиёд мебошад.



Аз рӯи воридоти андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ иҷроиши нақша 104 фоиз таъмин гардида, ба буҷет ба ҷойи 91,3 млн сомонӣ нақшаи пешбинишуда 94,5 млн сомонӣ маблағҳо ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 3,2 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ вобаста ба иҷрои қисми даромади буҷет нақшаи ҳиссачудокуниҳо ба буҷети вилоятӣ 110 фоиз таъмин гардидааст.

Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии шаҳр дар давраи ҳисоботӣ ба андозаи 100 фоиз таъмин гардида, ба буҷет ба ҷойи 62,0 млн сомонӣ нақшаи пешбинигардида ба маблағи 62,2 млн сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 2,3 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ба гуфтаи Рустам Шарифзода, қисми харочоти буҷети маҳаллии шаҳр дар давраи ҳисоботӣ бо дарназардошти тағйироту иловаҳо ба маблағи 63,1 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, ба соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии шаҳр ба маблағи 61,2 млн сомонӣ равона гардидааст, ки 97 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ музди меҳнати ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ пурра пардохт гардида, қарздорӣ вуҷуд надорад.

Дар соли равон фонди эҳтиётии раиси шаҳр ба маблағи 991,6 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, дар давраи ҳисоботӣ бо қарорҳои раиси шаҳр барои дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани интихобот оид ба интихоби вакилони Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакилони Мачлиси вакилони халқи шаҳри Бохтар ба маблағи 297,1 ҳазор сомонӣ, барои нигоҳдории Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнат ба маблағи 64,4 ҳазор сомонӣ, барои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ба маблағи 50,0 ҳазор сомонӣ чудо гардидааст.

- Соҳаи молия дар пешрафти кишвар ва зиндагии мардум нақши калидӣ дорад, аз ин рӯ, мо талош мекунем, ки хидмати шоиста намоем. Мо - кормандони соҳаи молия тамоми дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллатро дар раванди корӣ дар амал татбиқ мекунем, зеро садоқат ба кори худ - ин садоқат ба давлату Роҳбари давлат мебошад,- мегӯяд сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар Рустам Шарифзода.

Машраби АЛОВИДДИН

САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ

(Аввалаш дар саҳ. 6)

Не. Аммо ӯ бояд донишманд, то дарачае энсиклопедист бошад. Дар ин маврид, дониш ба сифати тасаввуроти илмӣ мадди назар аст. Агар хоҳад, ки асари хотирмон ва барои ҷомеа судманд эҷод намояд, то “аз боду борон, наёбад газанд”.

Бартарии Садриддин Айнӣ дар кори эҷодӣ, дар замири як шахс **тавъам омадани хотироти таърихӣ, истеъдоди камназири нависандагӣ бо донишманди бузурги илмҳои таърих, мардумшиносӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва руҳшиносист.** Баркамолӣ ва безаволии асарҳои бадеии ӯро низ сабаб ҳамин аст. Ин хосиятро дар ҳар шакл нависандагони машҳури олам, аз ҷумла, **Уилям Шекспир (1564 -1616), Иоган Волфанг Гёте (1749 – 1832), Оноре де Балзак (1799 – 1850), Лев Толстой (1828 -1910), Робендранат Такур (1861 - 1941)** нишон дода буданд.

Бидуни шак, Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи онҳост. Ҳамзамон, **афзалияти ин абармард нисбат ба дигарон дар матонат, ҷасорат, аз худ гузаштанҳо, мубориз будан ва руҳияи инқилобӣ** доштани ӯст.

Садриддин Айнӣ медонист, ки натиҷаи муборизаи ҳазорсолаи миллати тоҷик ба муқобили нимғуломдорӣ тавассути Инқилоби Бухоро, мисли ҳадяи таърих ба орзуву омол ва фаъолияти ҷоннисоронаи халқи ӯ амалӣ гардид. Мутафаккир, ҳамчун фарзанди намаксипос, ки аз хислатҳои ҳамидаи халқи бузургаш аст, ин инқилобро бо ташбеҳи **“машъали рахшони адолат” ва “мурғи ҳумо”** васф кард. Ҷавонмардона, бе дудилагӣ дар олами ақибмондаи хатарнок, пешгӯинашавандаи сиёсӣ ва иҷтимоии асримиёнагии Шарқ, худро шогирди чилсолаи Инқилоб эълон намуд. Инқилобе, ки асли онро дунявият ташкил мекард.

Худи Айнӣ, вобаста ба замон ва муҳити ба камол расиданаш, имкони даст ёфтан ба адабиёти илмӣ, ки **инқилоби иҷтимоиро ҳамчун дигаргун кардан, барҳам задан, шикаст додани форматсияи иҷтимоӣ-иқтисодии куҳна, ба минбар нишондани низоми пешбар, мутараққӣ ва инсонмеҳвар тафсир мекард,** надошт. Дар шароити Бухорои асримиёнагӣ чунин табақаи иҷтимоӣ, назарияи илмӣ ва шуури инқилобӣ аз худ дарак ҳам намедод.

Дар чунин ҳолат, Айнӣ ҳама гуна дигаргуниҳои иҷтимоиро дар натиҷаи амалҳои фаъол ва таъсирбахши маорифпарварона – инқилоби маданӣ тасаввур мекард ва медид.

Аз лиҳози дигар, агар Айнӣ Аҳмад – махдуми Донишро “доҳии модарзод” номида бошад, худи ӯ низ аз ҷумлаи нобиғагони бани башар буд, ки қобилияти ирсӣ, табиӣ ва фавқулодаи дарки воқеияти ҳастиро дошт. Бидуни инқилоб ҳам, то дами марг рисолати худро мисли Гомер, Шекспир, Гёте, Байрон, Мартин Лютер ва дигар қаҳрамононии миллатсоз иҷро мекард. Як шахсияти одӣ набуд.

Дар шароити хатари марговар ба ӯ ва ҷигарбандонаш, ду сол қабл аз Инқилоби Бухоро, ҳанӯз соли 1918, бидуни такягоҳу пуштибон сохти амириро рӯирост чун **“хонаи бедоду ситам”, “маҳкамаи ҷабр” маҳкум, “он қозиву муфтиву он шоҳу вазир”-ро орзуи сарнагун кардан дошт.** Ҳамчун инқилобчӣ марdonавор қад барафрохт. То охири умр ба муқобили **ҷаҳонбинӣ, руҳу маънавиёти миллаткуш ва урфу одати боқимондаи замони куҳан** мубориза бурд.

Бидуни шак, **“Ҳар як инсон таърих дорад. Шахсро дар ин таърих лаҳзаҳои хатарнок ҳамраҳӣ мекунанд: дар бораи одам бошад, фақат ҳамон вақт бехато муҳокимаронӣ кардан мумкин аст, ки ӯ дар он асно чӣ тавр фаъолият кард, чӣ гуна рафтор нишон дод, вақте ки дар ду паллаи тарозу ҳаёту мамот, шаъну шараф ва хушбахтии ӯ меистоданд.**

Чӣ қадар инсон баландмоя бошад, ҳамон қадар таърихи вай пуршукӯҳтар, лаҳзаҳои хатаровар барояш даҳшатбортаранд. Ҳамзамон, берун гаштан аз чунин ҳолати фалокатбор барои ӯ ҳамон қадар тантанавор ва ба дараҷаи баланд муассир ҳастанд. Ҳаёти чунин шахс ба ҳаёти халқаш тавъам меафтад” *(В. Г. Белинский. Собрание сочинений. Т. 2. – М.: Художественная литература, 1977. – С. 138-139).*

Садриддин Айнӣ фақат баъди инқилоб ҳамсони худро дар шахсияти Абулқосим Лоҳутӣ пайдо кард. Аз рӯйи дарку қобилият ва ҷавонмардиву матонат, сарсупурдагиву садоқат, дӯсти дар парешонҳоliву дармондагии худро дарёфт.

Руҳи инқилобии Лоҳутӣ ҳам ба Айнӣ бетаъсир намонд.

Садриддин Айнӣ, ба ғайр **аз ҷаҳонбинии динӣ – схоластикӣ,** боз ба вучуд доштани назарияи дигар – **нақши инсони донишманд дар дигаргунсозии ҳаёти ҷомеа ниёз дошт. Ва аз адабиёти дастрас ба ҳамин суолҳои худ посух мечуст.**

Албатта, баъдан ин дастоварди маънавӣ дар суханони Садриддин Айнӣ иброз гаштааст.

Аммо раванд ва воқеияти ташаккули шахсияти худи мутафаккирро ҳам бояд ба инобат гирифт. Ҳамчун ҷавонмарди ташнаи дониш, то замони шиносоӣ бо эҷодиёти Аҳмади Дониш, Айнӣ бо маъхазҳои асосии инсонпарварона адабиёти классикӣ оғоз аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва даҳҳо мутафаккирони бузурги таърихи ҳазорсолаи адабиёти тоҷик шиносоии баркамол дошт. Ва баҳраварии эҷодкорона аз мафкураи таърихӣ – ҷоннисориҳои абармардони майдони сиёсат ва ақидаҳои маорифпарварона адабиёти классикӣ – тамаддуну фарҳанги ниёгон, оқибат ҳимоя кардан ва ба истиқлол расидани миллатро тавассути ин нависандаи баркамол ва дигар ҷавонмардони муборизу фидоӣ сабаб шуд.

Ҳамзамон бо ин, асарҳои равшангаронаи Аҳмади Дониш, ҳамчун дидгоҳи бозбинии замони истибдоди амирӣ, ҷамъбасти мантиқӣ ва ифодакунандаи вазъи ҷаҳонбинӣ ва фазошиносии давр, такони ҷиддӣ барои дарк ва инъикоси воқеияти замони Айнӣ маҳсуб мегарданд.

Таърихи таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва афкори миллати тоҷик дар тули ҳазор сол, бори дигар исбот кард, ки руҳ, маънавиёт, дидгоҳ, нуқтаи назари сиёсӣ, ки онро дар маҷмуъ, идеология ном мебаранд, хосияти иманентии диалектикӣ надоранд. Он аз воқеият, ки амали мақсаднок ва бошууронаи инсон, аз муҳимтарин ҷузъи он мебошад, вобаста аст.

Оғоз аз ҳамин **нуқтаи дарк ва камоли андеша,** муборизаи ақидавӣ ва инқилобии Айнӣ муҳтавои баробарвазн ба воқеият гирифт.

Дар ин маврид, Айнӣ **муносибати худро ба ҳукумати амирӣ аз лиҳози мавқеъгирии сиёсӣ комилан тағйир дод (1). Хурофотро ҳамчун усул, восита, ҳамсафар ва ҳимоятгари аслии маънавӣ ва ҷисмонии ҷиноятҳои амирӣ бар зидди оммаи мардуми ноогоҳу бесарпаноҳ шинохт (2). Донист, ки идеологизми таҳмилӣ ва урфу одати аҷнабиён, дар ягон ҳолат наметавонад созгори имрӯзу ояндаи босубот ва умедбахши халқи азияткашидаи тоҷик бошад (3). Ба хулосае омад, ки ягона роҳи озодӣ, аввалан, дар тағйири моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонбинӣ, руҳиву равонӣ – дар истиқлоли зеҳни инсон аст. Бидуни он озодии воқеӣ ва ояндасоз хобу хаёлу шиору орзуе беш нест (4). Ва ин дастоварди, танҳо тавассути рӯ овардан ба илм, босавод кардани оммаи мардум (5) ва баҳраварӣ аз нуқтаи бунёдӣ, такягоҳӣ – таърих ва тамаддуни миллати ӯст. На афсона ва тахайюли дигар (6).**

Ин ақидаҳои барои миллат ҳаётбахшро Садриддин Айнӣ дар тули умри бобаракати худ ҳам бо сухан, ҳам бо қалам ва ҳам бо қадам исбот кард.

АЙНӢ – ДОҲИИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК

Садриддин Айнӣ дар таърихи тоҷикон, аз ҷумла, дар мураттабсозӣ, муаррифӣ, рушди адабиёти он сармашқ, абармард, воломақом, соҳибдафтар, баландҳиммат, Рустами таърихсози миллат, муҳандис ва бозофарандаи забони адабии ҳозираи тоҷик, масъулиятшинос, инқилобчии матин, озодихоҳ, муҷассамаи бузурги ҳувияти миллӣ буд, ҳаст ва мемонад.

Дар давраи навини Истиқлоли давлатӣ, ки худшиносии миллӣ аз муҳимтарин масъалаи суботи давлатдорист, ҷойи Айнӣ ҳамчун олим ва адиби муборизи холист.

Дар оғози асри гузашта, Айнӣ бо вуҷуди маҳдудияти зимом ва тангии замон, дар байни обу оташ роҳи зиндагии худро интихоб кард.

Аммо дар ин маънӣ Айнӣ мисли худ ҳамфикру ҳамақидаи якдилу рӯинтан надошт.

Ба дарбор ҳамчун шоир даъват гардид. Онро рад кард. Нахост қаҳрамони ягонаи ба миллати худ бегона бошад. Дар сахтиҳо дилшикаста нашуд. Муборизаашро идома дод. Ба оммаи мардуми бесаводи азияткашида, маҳкум ба бадбахтӣ ва “тири фалак” хӯрда мурочиат намуд. Онро омӯхт. Қаҳрамон интихоб кард. Хост мардумро ба худи мардум шиносонад. Онҳоро оинаи якдигар қарор бидиҳад. То фаҳманд, ки ҳазор соли бандагӣ, адами истиқлол онҳоро ба чӣ аҳвол рӯ ба рӯ кардааст. Хост адабиёти миллии бошахсият, анъана ва урфу одати тоҷикиро асос гузорад. Ба истилоҳҳои **“халқ”, “миллат”, “манфиатҳои миллӣ”** ҷон бахшад.

Айнӣ аз аввалин адибони миллии воқеиятшинос буд. Кӯшид, ба одамони одӣ сабаб ва воситаи раҳоӣ аз мушкилоти фоҷиабори иҷтимоиашро фаҳмонад. Онҳоро ба бесуботии тафаккури афсонавии **“малакутӣ”** *(олами фаришташо),* дом ва доди бедоди гиряолуди идеологияи шикоятомези нотавонӣ, оҷизӣ, ночорӣ, дармондагии дастҳо сӯйи **“фалак”** *(осмон, тақдир, гардише, ки инсон дигар наметавонад дар он нақш дошта бошад, маҷбур аст ба чунин қисмат тан диҳад)* муътақид созад. Фаҳмонад, ки озодӣ ва шоистасолории инсон фақат аз Ақл, Хирад, Илму Дониш ва рафторҳои замонии ӯ вобастагӣ доранд.

Нобиғагӣ ва заковатмандии **толибилми мадрасаи Бухорои асримиёнагӣ дар он буд, ки дарк кард, арзиши дониш дар муносибат ва муқоиса ба воқеияти ҳаёт санҷида мешавад.** Ва дараҷаи муҳиммияти ҳама гуна назария дар алоқамандӣ бо таҷрибаи зиндагист.

Шогирди солманди Инқилоби навини иҷтимоӣ нисбат ба худ ва пайравон ниҳоят серталаб буд. Таъкид менамуд, сухани бадеӣ ҳеҷ чизеро ифода намекунад, агар он ормону орзу ва афкори пешқадамеро тафсир ва тасвир нанамояд. Муътақид накунонад. Одамро ба шахсият мубаддал насозад. Посухгӯи ниёзҳои иҷтимоии давр набошад.

Чунин эътиқодмандӣ на танҳо дар асарҳои бадеӣ, илмӣ ва илмӣ–таърихии Айнӣ, балки дар мукотибаҳои ӯ бо аҳли илму адаб ҳам ба назар мерасад. **Ин мактаби нави адабиёт ва адабиётшиносии тоҷик буд.**

Барои мисол, таваҷҷуҳ карда шавад, ба як номаи ватандӯсти беамсол, ниҳоят пуркору масруфу гирифтору масъулиятшиносу фаъол, ки умре ба хурдтарин зуҳуроти ҷаҳонбинии миллӣ бетарафӣ накарда, аҳаммият додааст. Фурсат пайдо карда, онро баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ намудааст. Мутаносибан, барои ислоҳи вазъи тарбия дар мактабҳо, мундариҷа ва муҳтавои ҷаҳонбинии муаллимон тавсияҳо манзур сохтааст:

“Ман дар бораи аз ҳама ҷо дар Ленинобод зиёд будани хурофоти динӣ ба шумо як мисол нишон медиҳам. Дар тобистони соли 1946 ба Самарқанд як студенти ленинободӣ, ки дар Москва таҳсил мекунад, омад. Аз рӯйи шуниди ман, он студент бародари хурдтараки худро, ки «кокулаш ба Шоҳи Зинда назр будааст», гирифта овардааст, то ки гӯсфанде харида, ба сари мазори мазкур бурда кокули бародарашро тарошонад.

Ин корро ягон касе аз аҳолии ҳозираи Самарқанд ва Бухоро намекунад. Ин факт ҳаминро нишон медиҳад, ки агар шумо бинои сари мазори шайх Маслаҳатро вайрон карда партоед ҳам, хурофотпарастон аз ҷоҳои дур ҳам бошад, барои қонеъ кунонидани орзуи хурофотпарастии худ, мазоре меёбанд ва инчунин ин факт ҳаминро ҳам нишон медиҳад, ки дар Ленинобод – дар мактабҳо ҳанӯз тарбияи советӣ–коммунистӣ дуруст ба амал монда нашудааст, вагарна як студент ин корро намекард.

Бинобар ин, аз ҳама пештар ба воситаи мактабҳо муборизаро ташкил кардан лозим аст ва аз ҳама пештар муаллимонро аз назари тавфиқ гузаронидан даркор аст” (С. Айнӣ. Мактубҳо. *– Душанбе: Дониш, 2024. – С. 449)*.

Дар олам инсони бешахсият буда наметавонад. Агар мо ин истилоҳро ҳам аз лиҳози маънавӣ, ҳам аз лиҳози ҷисмонӣ ва ҳам аз лиҳози иҷтимоӣ баррасӣ намоем. **Аммо наметавон инкор кардан ҳақиқатеро, ки баҳогузорӣ ва қимати шахсият ҳам дараҷабандӣ дорад.** Гарчанде дар ин арҷгузорӣ сифр ҳам меъёр аст.

(Давомаш дар саҳ. 12)

САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ

(Аввалаш дар саҳ. 11)

Шахсияти гениалӣ дараҷаи олии сифати инсон аст, ки дар соҳаи муайян шуурнокӣ, ақл, хирад, дониш, касбият, тахассус, тавон, истеъдод, иродатмандӣ, ҷавонмардӣ ва масъулиятшиносии фавқулодаеро аз худ ба намоиш мегузорад. Аз замони худ чанд зина пештар меистад. Дар илму адаб ва паймону пайкор намунаи афзалияти бебаҳси иҷтимоӣ нишон медиҳад. Ин хосият ва дастовардҳои ба мерос мондааш барои аҳли башар чанд аср хизмат мекунанд.

Як аломати гениалии нависанда он аст, ки ӯ **вазъиятро** меомӯзад. **Қисмати ҳассоси** ба талаботи иҷтимоӣ нигаронидашудаи онро ҳамчун **чузъ аз кулл** тасаввур ва интихоб мекунад. Дар тасвир мегирад. Нуқтаи калидиашро пайдо намуда, ин вазъро мутобиқ ба манфиати ҷомеа **саҳнасозӣ, роҳбарӣ ва роҳнамоӣ** мекунад.

Чунин эҳсоси баланди **миллатдӯстӣ ва ватанпарварии** Айнӣ дар очеркҳои таърихӣ – бадеии “Исёни Муқаннаъ” ва “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” боз ҳам аниқтар ба назар мерасад.

Маълум аст, ки ин ду асар дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ навишта шудаанд. Қаҳрамониву фидокории миллати тоҷикро ҳини асрҳои VIII ва XIII, дар мудҳиштарин лаҳзаҳое, ки мардуми мо ба муқобили фашизм муборизаи беамон мебурд, бо далелҳо, **чун мафкураи таърихии ҳифзи Ватан ва нангу номуси миллӣ,** на танҳо ба оммаи тоҷик, балки дар назди оламиён тафсир ва исбот менамояд. Дар ин ҳамосаҳо нависанда характери миллӣ, моҳияти маънавии миллати тоҷик, корномаҳои воқеӣ–таърихии фарзандони ӯ, ки маънан ба рафти муборизаи башарият ба муқобили вабои аср тавъам афтода буданд, ҳамчун арзиши умумибашарӣ тафсир ва ба оламиён манзур кард.

Яъне “Исёни Муқаннаъ” ва “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”, ки ҳамосаҳои ҷовидонаи қаҳрамонҳои миллати тоҷик ҳастанд, дар баробари **идеалҳои бузурги маънавии умумибашарӣ гузошта шуданд. Шакл ва воситаи муаррифии миллати куҳанбунёди муаллифи асарҳои ҷовидона ба ҷаҳониён мебошанд.**

Нависанда намунаҳои тавонмандии фитрии хешро ҳанӯз дар аввалин шеърҳои худ “Дар фоҷиаи шиаву суннӣ”, “Бомдоди баҳорон”, “Саҳаргоҳон”, “Заминро мафрӯш”, “Марсия”, “Суруди озодӣ” ва дигар ашъораш тахассусмандона нишон дода буд. Яъне нишонаҳои нобиғагии нависанда то замони эълони принсипҳои синфият, ҳизбият ва халқият, ки гоҳо Айниро мехоҳанд ба онҳо пойбанд кунанд, арзи ҳастӣ доштанд.

Албатта, метавон, тавре имрӯз барои иддае ҳукми анъана касб кардааст, худро шоиру нависандаву олим номид ё номаълумакак соҳибунвон гашт.

Аммо табиат дар тақсими истеъдоду қобилият ниҳоят хасис аст. Ва мардум баҳогузори сахтгир.

Агар Садриддин Айнӣ дар алоқамандӣ ба ҳар як зуҳуроти муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ **ҳамқадам будани худро бо дарди ҷомеа ва ватандорӣ** нишон дода бошад, дар маҷмуъ, ӯ тули ҳаёти эҷодии худ фақат асарҳое офаридааст ва оммаи мардумро бо дарк, фаҳм, инъикоси равонӣ ва вокуниши баробарвазн ба он даъват кардааст, ки барои **таъмини суботи сохти давлатдорӣ ва рушди миллӣ** ҳаётан муҳим аст. Яъне воқеан, дар амал суварнигори ҳадис будани худро исбот намудааст.

Доҳии адабиёти навини тоҷик муътақид буд: **“Маданият, агар он ба тарзи стихиявӣ инкишоф ёбад, на бошуурона мудирият шавад, инкишоф ёбад, рушд намояд, баъди худ биёбонро мемонад”** *(Иқтибос аз асари В.Н. Сагатовский. Вселенная философа. – М.: 2013. – С. 15)*.

Ҳақиқат доштани ин назарияро мо дар таърихи на чандон дури инсоният ва замони муосир дар ҳама қунҷу канори олам дидем ва баръало дида истодаем.

Масъулиятшиносии меъмори бузурги руҳи миллӣ тули фаъолияти эҷодӣ, сарфи назар аз маҳрумият ва мушкилоти даҳр, вазъи сангини иҷтимоӣ, гоҳо дар ҳолати ногувори рухиву ҷисмонӣ ҳам, собитқадамона эҳсос мегардад.

Таҳлили характер, рафтор, сифатҳои шахсӣ ва тақдири қаҳрамонҳои Айнӣ дар қисса, повест, роман ва ёддоштҳо, аз ҷумла Муқаннаъ, Темурмалик, Одина, Ёдгор, Абдуллоҳҳоҷа, Сафар, авлоди Раҳимдод, Гулбибӣ, Гулнор, падараш Сайид Муродхоҷа, Тутапошшо, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Аҳмади Дониш, Шарифҷон – махдуми Садри Зиё ва садҳо персонажҳои мусбату манфии офаридаи ӯ ҳамагӣ образҳои типӣ ҳастанд.

Нависанда қаҳрамонҳои офаридаашро аз маъхазҳои таърихӣ, таърихӣ – бадеӣ омӯхтааст. Бо чашми худ дидааст. Ба гӯши худ шунидааст. Дар рӯзгор санҷидааст. Онҳо бо дарки илмӣ, бадеӣ ва воқеъбинона дар тасаввур ва қалами нависанда инъикос ёфтаанд.

Баъзе мунаққидҳо Айниро дар сустирода будани Одина мазаммат кардаанд. Баръакс, Одинаро чунин тасвир намудани нависанда аз афзалиятҳои эҷодии ӯст.

Адиб дар кӯҳистони ақибмондаи тоҷик ҳамин симоро дарёфт ва нишон додааст. Субъекти намунаи умумияти иҷтимоӣ офаридааст. Бадбахтӣ ва камҳавсалагии ӯро сабаби фоҷиаи шахсиаш ва ҳамчун намунаи фоҷиаи миллӣ, дар маҷмуъ, тасвир кардааст. Аммо Ятим, Ёдгор, Сафар, Абдуллоҳҳоҷа ва насли дуюму сеюми Раҳимдодро пайдо намуда, аз онҳо шахсони воқеан фаъол, мубориз, сафшикан, дар муборизаи ҳаёт пирӯз тарбия карда, ба воя расонида, қаламдод намудааст. Дар мукобили Одинаҳои азияткашида, таҳқирдида, дар азоби хурофот ва урфу одатҳои ақибмонда танида гузоштааст.

Адибони имрӯза, ҳамасрони замони Истиқлоли моро чӣ мушкил домангир аст, ки чунин андешаву маҳсули эҷодро ба намоиш гузоранд. Аз тоҷики раҳгумзадаи замони ҷанги шаҳрвандии ба ном “демократ”, “муҷоҳид”, “муборизи роҳи исломи ноб”, муаллимбадбини пойбанди ҷаҳолату торикӣ, “зиёӣ” – профессорону журналистони *(дар ҳоли ҳозир забондарози пушаймоннагаштаи)* **думрави муллоҳои ташаббускори ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ ва акнун, дар даҳаи чоруми замони Истиқлол – ҷавонони гумроҳи узви созмонҳои террористии байналхалқӣ, зархаридони бозигарони геополитикӣ, соҳибунвонҳову мансабдорони хурофотзадаи бетарафи дампову хомӯши розӣ ба авҷи ҷаҳолату бегонапарастӣ қаҳрамононии воқеан табдилгаштаи бошууру муборизи роҳи эъмори давлати миллӣ офаранд.** Тарзе ишора шуд, **вазъи фоҷиаборро “бигиранд”** ва аз он **фазои маънавии шахсияти бунёдкор “созанд”**. Дар амал **“фалакро сақф бишкофанду тарҳи нав дарандозанд”.** Ба **“фатвои хирад хилофомади одат талабанд”, “субҳхезиву саломатталабӣ”**-ро *(маъниҳо аз Ҳофиз)* ба хотири суботу гул-гулшукуфоии Ватан – модари азиз, Тоҷикистон кунанд. **Шанси фавқулодаи таърихро аз даст надиҳанд. “Типҳое офаранд, ки дар он муҳри нишони муаллиф насб шуда бошад. Барои коғаз, барои як шумораи маҷалла нанависанд. Китоб не, асар офаранд. Эҷодашон аломати расмиятчигӣ, намоишӣ, ҳисоботдиҳӣ ва рӯякӣ надошта бошад. Ва адиб қаҳрамони парварида, комил ва пирӯзи худро дар зиндагиаш бо чашми худ бинад. Ифтихор намояд. Агар қаҳрамон, персонажи барои нависанда тип бошад, хонанда онро дар ҷомеа эҳсос намояд, бишиносад. Аз ӯ омӯзад. Пайрави ӯ бошад** *(В.Г. Белинский)*. Ин аст асари зинда, коромӯз, коргар ва тавре дар боло ишора шуд, офаридае, ки масъули нақди сухан ҳам аз набудани он эҳсоси таассуф наварзад.

Агар Айнӣ ҳозир ҳам зинда мебуд, ҳамин масъулият ва нақшу мартаба барҳақ моли ӯ буданд. Баъди сад соли дигар ҳам, ин афзалият мансуби ӯ мемонд.

Қаламкаши бузургро тақдир



ва таъйин ҳамин аст, чуноне ки нишонаҳои барҷастаи онро мо баъдтар дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Ғаффор Мирзо, Ҷалол Икромӣ ва Фазлиддин Муҳаммадиев медидем.

АЙНӢ – АСОСГУЗОРИ МАЪНАВИЁТИ МИЛЛӢ

Садриддин Айнӣ дар чандин лаҳза худро, барҳақ, инқилобчӣ номидааст. Албатта, ин хулосаро, замоне ки нависандаро **ҷабри рӯзгор ва аъмоли ҳасудони фурӯмояи дурӯяи чоплуси замонасози носозгор** ба ҷон расонидаанд, иброз доштааст. Аммо **чашми воқеъбин ва гӯши ҳақшунав** ниёз ба изҳори чунин мавқеъ надошт.

Аз лиҳози дигар, ҷаҳонбинӣ маҷмуи дидгоҳи инсон аст, ки он муносиботи назариявии ӯро ба табиат, ҷамъият ва худи инсон муайян мекунад. Муҳтавои фаъолияташро мақсадгузорӣ ва роҳнамоӣ месозад. Фаъолияти ӯро ба танзим медарорад.

Бидуни шак, ҳама шахс ҷаҳонбинӣ дорад. Аммо агар дар як нафар он ба тарзи номуназзам, ғайриихтиёрӣ, механикӣ, таҳти омилҳои ғайриинтизор ташаккул ёбад, нафари дигар мекӯшад, тавассути аз худ кардани илму маърифат, донишҳои баробарвазн ба воқеият ва таҷрибаи рӯзгор зиндагиро дарк намояд, фаҳмад, ба он ворид гардад.

Фарзияи охирин дар ҳаёти Айнӣ бо омили фавқулодаи генетикӣ, табиӣ, чун зуҳуроти муайянкунандагии ҳаёти ӯ тавъам омада буд.

Муборизаи барои инқилоби маънавӣ ва тавассути он расидан ба таҳаввулоти иҷтимоӣ аз мақсадҳои Айнӣ ба шумор мерафт. Агар инқилоб ӯро раҳоӣ намебахшид, Айнӣ дар ҷодаи интихобкардааш ҷоннисорӣ мекард, чунончӣ режими зиддимиллии асримиёнагии амирӣ барои қасдгирӣ аз ин ҷавонмарди акнун дар роҳи инқилоб қадамҳои устувормонда, бо палидии хабисона бародари ҷигарбанди маъсуми ӯро ба қатл расонд.

Муборизаҳои таърихӣ ва тақдирсози Садриддин Айнӣ **барои исбот кардани тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунофари бумӣ, бо таърихи зиёда аз шашҳазорсола (1), забони тоҷикӣ – воқеияти мустақили ҷамъиятӣ ва далели барҷастаи шуури таърихӣ, зеҳниятсоз, воситаи акумулятсия ва инкишофи илм, адабиёт ва яке аз намунаҳои бузурги тамаддуни ҷаҳонӣ (2),** аслияти руҳ, анъана, урфу одат, фарҳангу маданият ва характери миллӣ, ки дар муборизаҳои шадиди сафшикан **“зи баҳри бару буму фарзанди хеш”** ба муқобили истилогарони аҷнабӣ зуҳур ёфтаанд (3), қобилияти пазируфтан, таҳаввул дидан, рушд ёфтан, ғанӣ гардонидан, мутобиқ кардан ва ҳамқадам буда тавонистани миллати тоҷик ба ҳама гуна дастовардҳои пешқадами тамаддуни ҷаҳонӣ, ки инқилоби ичтимоии даҳаи дуюми асри XX (4), аз зумраи онҳо маҳсуб мегарданд, равона шуда буданд.

Таърихи тафаккури инсониро аз нигоҳи фалсафӣ, адабӣ, ҳуқуқ, ахлоқ ва маънавиёт асрҳо боз ду раванди ба ҳам зид ҳамроҳӣ мекунанд. **Яке иртиҷоӣ,** *(хурофотии асримиёнагӣ, бегонапарастӣ, рукуди зеҳнӣ ва ҷаҳолат)* ва **дигаре пешқадам** *(миллатдӯстӣ, меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ, тарғиби идеяҳои маорифпарварӣ, илму хирад, ростиву растагорӣ, пайкор ба беадолативу дурӯғ, торочу ғорати мардуми бесарпаноҳ)*.

Ҳардуи ин ҷараёнро **манфиат** ҳамчун категорияи фалсафӣ, иқтисоди сиёсӣ, идеологӣ, ахлоқиву маънавӣ муҳтаво мебахшад. Шакл меофарад. Ба намоиш мегузорад.

Дар як масъала ду ҳақиқати мухолиф вуҷуд дошта наметавонад.

Ҷаҳонбиние, ки аз исёни Муқаннаъ сарчашма мегирифт, барои Садриддин Айнӣ ҳамчун манбаи ғоявии эҷодиёт ва ҳақиқати оштинопазир боқӣ монд.

(Давомаш дар саҳ. 13)

САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ

(Аввалаш дар саҳ. 12)

Минбаъд на дар тарҷумаи ҳол, на дар асарҳои бадеӣ, илмӣ, бадеӣ – таърихӣ, публитсистика, мукотибаҳо ва на дар гуфтору рафтор, муколама ва муносиботи рафиқона ҳаргиз дудилагӣ, замонасозӣ ва расмиятчигии ноҷо, ки шахсият, роҳи интихобкарда ва бузургвории ин доҳии модарзоди илму адаби миллати тоҷикро зери шубҳа гузошта бошад, дида намешавад.

Садриддин Айнӣ Қаҳрамони барҳақи миллати тоҷик аст, ки Пешвои муаззам, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ӯро ба ин унвон сазовор донистааст.

ДАЛЕЛИ АҚИБМОНДАГИИ ШУУРНОКӢ АЗ ВОҚЕИЯТИ ҲАСТӢ

Бо шарофати Истиқлол орзу ва нияту мақсадҳои Садриддин Айнӣ амалӣ гардиданд. Миллати тоҷик соҳибдавлат шуд. Аммо тавассути прототипҳои персонажҳои манфии таърихии Айнӣ, давлати тозабунёд ба хоку хун оғушта ва ҳукумат сарнагун гардид.

Ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ аланга зад.

Бо шарофати тақдир ва ба бахти мардуми ҷафокашида, шахсияте сари қудрат омад, ҳаракати озодихоҳонаи миллатро раҳбарӣ кард, ки устоди забардасти илму маърифат ва адабиёту маданият Садриддин Айнӣ сифоташро дар замири хеш мепарварид. Дар асарҳои бадеӣ ва илмию таърихӣ образи қаҳрамононаи ӯро тасвир ва тафсир мекард. Ба хотири тантанаи пирӯзӣ ва адолат қасидаҳои ҳамсони "Ҷанг ва зафар" менавишт. Онеро инъикос мекард, ки баъди ҳазор сол давлати миллӣ сохт. Анъана, урфу одат, фарҳанг ва маданияти миллиро эҳё намуд. Тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи ӯро аз нав ҷон бахшид. Тасдиқ кунонд. Муҳру васиқа кард. Эътиқодмандона ҳамчун сарвати поённопазир ва шиносномаи беназир ба ҷаҳониён муаррифӣ сохт.

Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мардуми кишварашро тарзе ташкил кард, инкишоф дод ва рушд бахшид, ки миллати тоҷик ҳазорсолаҳо орзуи онро мекард.

Ҳамзамон хотирнишони кардани он нукта зарур аст – рисолати адабиёт, театр, кино, ки онҳоро классикони илм ва адабиёти ҷаҳон меъмору созандаи руҳи инсон номидаанд, баробари масъулияти давлатсозист.

Мо аз ғарази бадхоҳони миллат ва руҳияи таърихии бегонапарастии онон огаҳӣ дорем. Ва медонем, **"фаъолияти мақсадгузорӣ** *(дар муносибат ба рух, андеша, идея, образ, мафкурасозӣ* – **С. Я.) ба худи он (ташаббускор – С. Я.) равона нагардидааст. Баръакс, ба он нигаронида шудааст, ки тавассути нобуд кардани хосият, аломат ва зуҳурот – ҳадафҳои ҷаҳони беруна** *(дидгоҳ, ҷаҳонбинӣ, маънавиёт – С. Я.),* **воқеият доштани фаъолияти худро дар муҳити атроф бубинад, тасдиқ кунонад.** *(Г.В.Ф. Гегель. Илми мантиқ. – М.: 2013. – С. 8).*

Вобаста ба ин ҳар вақте мо зуҳуроту рӯйдодро аз паси худ набарем, аёну ноаён зуҳуроту рӯйдод моро аз паси худ мебаранд.

Чунин муносибат зуҳуроти нобахшиданист.

Воқеияти имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон, **дар масъалаи вазъи ҷаҳонбинии миллӣ,** сарфи назар аз дастовардҳое, ки дар кулли соҳаҳои замони истиқлол рух доданд, ниёз ба бознигарӣ дорад. Гап сари он аст, ки маънавиёти *(дидгоҳ, арзишҳои ҷамъиятӣ)* хештаншиносии қисме аз аъзои ҷомеа, аз дараҷаи суръати тараққиёти иқтисодӣ – иҷтимоии мамлакат, таҳаввулоти инқилобие, ки ҳукумати кишвар ба тарзи пешгӯинашаванда рушди онро таъмин кард, фарсахҳо қафо монд.

Аз як тараф, ин камбуди ҷиддии дастгоҳи идеологӣ ва маорифи халқ *(на Вазорати маориф дар танҳоӣ)* – падару модар, муҳити оилавӣ, маҳал, деҳа, мактабҳои миёна, олӣ, иттифоқҳо ва иттиҳодияҳои эҷодии мафкурасози ҷомеа, васоити ахбори умум, муассисаҳои фарҳангӣ, коргоҳҳо – дар маҷмуъ, ниҳодҳои масъули ташаккули муносиботи ҷамъиятӣ мебошад.

Аз лиҳози дигар, ин падида хосияти қонунмандӣ ҳам дорад.

Гурӯҳҳои ифротӣ ҳаргиз рӯшод намегӯянд, ки ҳукумат мехоҳанд. Онҳо амалҳои террористӣ ва мақсаду мароми худро бо шиору суханҳои муқаддас пӯшонида, зебу зинат ва обу ранг медиҳанд. Нигаред ба ҳодисаҳои солҳои навадуми Тоҷикистон, воқеаҳои тули таърихи на чандон дуру наздики кишварҳои Шарқи Наздику Миёна, ба **ҳамсоякишвари** мо.

Далел ва зуҳуроти фоҷиаабори **ақиб мондани шуурноки аз воқеияти зиндагиро** мо дар таърихи бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳамчун падидаи хатарнок, баръало мебинем.

Вазъи бамаломада мебояд ҳамчун ҳадаф ва мавзуи тадқиқоти илмӣ, таърихӣ – бадеӣ ва бадеӣ интихоб шавад. Омӯзиш бинад. амалан татбиқ гардад.

Дар ин маврид, дониста бошем, ҷаҳонбинӣ ва идеологияҳое, ки ҳамакнун мардумро ба раҳгумӣ андохтаанд, аз нигоҳи назарӣ ва тачрибаи таърихӣ **нисбат ба идеяҳои эҳёгарии миллӣ, ҳувиятсозӣ, худшиносӣ, давлатдории миллӣ, ватанпарварӣ, равшангароӣ, таърихофаринӣ, ҷамъияти маданӣ, дунявият ва халлоқияту додхоҳӣ** ҳазор сол ва зиёда аз он собиқаи бештар доранд. Ба қавли мардуми англис: **"Devil is very wise, because He is very old"**.

Аз лиҳози дигар, омили этногенетизм наметавонад, рефлексия ва ё инъикоси хотираи таърихии ирсиятро дар рафторҳои иҷтимоӣ сарфи назар кунад.

Ин воқеят масъулияти зиёёни миллиро, ки ба тақдири мардуми хеш бетараф нестанд, боз ҳам зиёдтар мекунад.

Акнун майдони адабӣ нависандаеро тақозо дорад, ки айнивор қудрати кушодан ва фош кардани муаммои сарбастаи раҳгумии фоҷиаи иддае аз намояндагони ҳамин миллатро дошта бошад, ки ӯро бо шиорҳои дурӯғини хурофотӣ назди оламиён дар хиҷолат монда ва садҳои дигарро, ки барои як порча нон дар талошанд, дар вазъи бозгардониву сарсониву ҳайронӣ гузоштааст. Гарчанде мо медонем, ки **ҳозира натиҷаи гузашта ва ишора ба оянда аст.** Ва сухани ёдшудаи он абармарди Ғарб: **"як ефрейтор дунёро ба таҳлука даровардааст",** аз ҳар гӯшае акси садо медиҳад.

Дарк ва тафсири вазъи рӯз ба рӯз мушкилшудаиситодаи ҷаҳонбинии як қисми фаъоли ҷомеа навъи ҳушдор аст, ки раванди онро аз нигоҳи методологӣ, ҳазор сол қабл Абуалӣ ибни Сино пешбинӣ ва хотирнишон мекунад: **"Валекин ҳар он чӣ ба чизи ҳозирбуда далолат намояд, инчунин ба чизи интизорбудаамон низ далолат мекунад"** *(Абӯалӣ Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. – Душанбе: Ирфон, 1980. – С. 270).*

Аз Шимолу Ҷанубу Шарқу Ғарб акси садои ҷаҳолат, ифротгароӣ ва терроризми идорашавандаи маҳсули адами адабу фарҳангу масъулияти ватандорӣ баланд мешавад. Ана ҳамин аст, ба назари мо, суоли матраҳ ба "**пайравони** *(имрӯзаи)* **Айниву Турсунзода",** масъалаи коҳилии бахсбарангези муҳандисони руҳ ва самтгирии маънавӣ дар мавзуи рӯз – фанатизми динӣ ва тантанаи шабаҳи фарогири бадбахтӣ.

ХУЛОСА

Чун Инқилоби соли 1917 ва 1920 мардуми тоҷикро аз ғуломӣ озод кард, ба ӯ ихтиёр, шароит ва раванди давлатсозӣ ато намуд, фарде доно ва нигорандае тавоно, зиндакунандаи руҳи Муқаннаъу Темурмалику Рӯдакиву Фирдавсӣ Саъдиву Ҷомӣ, Восифиву Аҳмади Дониш ва даҳҳо дигар бузургони ҷодаи набарди руҳу ҷисми миллат – Садриддин Айнӣ ба ҳайси ҳимоятгари ин лаҳзаи мусоиди гардиши бузурги таърихӣ, лаҳзаи бедорию бедорсозӣ ба майдон бархост.

Дар шароити зарурати бозсозии руҳ, эҳтиром гузоштан ва афзалият бахшидан ба арзишҳои миллӣ, дар муқобили ҳама гуна **равияҳои хурофотӣ, бегонапарастӣ ва ифроттароӣ, ки авҷи он рӯз ба рӯз нигаронкунанда ва харобиовар мегардад, адабиёту фарҳанг ниёз ба Рустами дунёи сухан, додгару додҷӯву хирадманд ва сафшикани руҳи Оҳарман доранд.**

Мақсад – бо эҷоди асарҳои синну солӣ, публитсистика, очерк, қисса, ҳикоя, повест, роман, драматургия, саҳнасозӣ, филмҳои ҳуҷҷативу бадеӣ бо қаҳрамон, персонаж – образҳои бадеӣ **бархостан, қад афрохтан ва қотеона ҳимоя кардани сохти давлатдории дунявӣ – давлатдории миллӣ аз бузургтарин вазифаи адабиёти имрӯз ба ҳисоб меравад.**

Муҳим ба назар мерасад, мисли ҷонфидоиҳои устод Садриддин Айнӣ, ки раҳбарии инқилоби мадании тоҷикро сад сол қабл ба уҳда гирифта, дар он пирӯз гашта буд, тавонем, то бори дигар **"ҷаҳонро ба бад наспарем"**. Ангуштнамои таърих нагардем.

Мавзуи рӯзмарра ҳамин аст.

Ахиран, ягона аз ҳамасроне, ки Садриддин Айнӣ ӯро дар номаҳои худ, бо арзи эҳтиром ва истифода аз мартабаи **"устод"** *(С. Айнӣ. Мактубҳо. – Душанбе: Дониш, 2024. – С. 242, 276, 294)* ва **"рафиқи шафиқ"** ном мебарад, Абулқосими Лоҳутӣ мебошад. Ва доҳии адабиёти давр як шеъри бузургворонаи дӯсти ҷонии худро борҳо, эҳтиромона, ҳамчун шиор, рамзи дилсӯзиву масъулияти ватандории ӯ ва ҷавобгӯи талаботи замон ёдоварӣ кардааст, ки ин аст:

Бо ҳама нуқсу мавонеъ кор мебоист кард,
Тӯдаи тоҷикро бедор мебоист кард...
Сустию навмедӣ андар роҳи
заҳматкаш хатост,
То нафас боқист дар тан, кор мебоист кард.

САЙМУМИН ЯТИМОВ
Бознашр аз маҷаллаи академии илмӣ-оммавии "Илм ва Ҷомеа", №2 (40), 2025

МАВЛУДНОМА

5 ИЮН

Зиннат Азизов (1930), 95-солагии зодрӯзи журналист-суратгир, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Сарват Беҳбудӣ (1945), 80-солагии зодрӯзи ҳунарманди сирк, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Нуралӣ Валӣ (1955), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Шароф Мавлонов (1935), 90-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

6 ИЮН

Георгий Давидов (1925-1997), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Усмон Усмонов (1940-2016), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Ироида Шпак (1940), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос, эроншинос.

7 ИЮН

Файз Одинаев (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Людмила Тоҷибоева (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Барака Ҳомидов (1890-1977), 135-солагии зодрӯзи устоди рақс, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Шамсӣ Ҷӯраев (1915-1980), 110-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

8 ИЮН

Латофат Кенҷаева (1950), 75-солагии зодрӯзи адиб.

Сайфулло Пӯлодов (1920-1994), 105-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

Аҳрорқул Утамуродов (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ.

Қодир Ҷабборов (1950-1996), 75-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

9 ИЮН

Акбар Абдулло (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир.

Давлатҷон Комилзода (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

Абдунабӣ Пӯлодов (1925), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

10 ИЮН

Ваҳҳоб Бобоҷонов (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Амонулло Қодиров (1945), 80-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Ҳоҷӣ Мӯсозода (1955), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

Бурӣ Нурхонов (1945-2011), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ ибни Сино.

Юсуфҷон Салимов (1935-1978), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Идимо Ҳалимова (1955), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

11 ИЮН

Адҳам Бобозода (1935-2009), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

Ваҳҳоб Воҳидов (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

Қурбоналӣ Куртаков (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Хати таваллуд, АА №0261754, ба номи Рузиева Дилноза Неъматовна, ки санаи 24.07.2004 аз ҷониби САҲШ-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТК №0281705, рақами қайд №2591, ба номи Олимова Самия Точиддиновна, факултети "Кори ҳамширагӣ"-и Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ, соли хатми 2024, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи меҳнатӣ, ШО-1 №0002233, ба номи Халиков Абдухалим Абосидинович, санаи сабт 18.03.2005, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба хоҷагии деҳқонии "Хикматулло", роҳбараш Ахматов Ибодулло, РЯМ: 0730031354, РМА: 075170858, ки аз 27.06.2010 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Замима ба дипломи ДТО №0231899, рақами қайд 318, ба номи Магдиева Ширин Маҳмудовна, ки санаи 24.09.2019 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Широв Хасан Каимович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Шукуҳӣ, хонаи 72, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба хоҷагии деҳқонии "Хоча-2008", роҳбараш Хужаев Иброхим, РЯМ: 0730030767, РМА: 075414434, ки аз 26.06.2010 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, серия: А01925180, ба номи Сангова Наргиса Исуфҷоновна, ки санаи 25.05.2019 аз ШВКД-1 дар ноҳияи Синои ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А02871923, ба номи Махмудов Камолджон Азамович, ки санаи 23.12.2019 аз ШВКД-1 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, Т-АТА №049690, ба номи Холиқов Абдусамад Абдусаломович, соли хатм 2001, ки аз ҷониби МТМУ №19-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8Д-1024, аз 05.03.2003, ба номи Баротов Махмадисуф Садриддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, 1 гузаргоҳи кӯчаи 40-солагии Октябр 24, ҳ. 12, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии Фрунзе (государственным нотариусом Фрунзенской государственной нотариальной конторы) ба расмият даровард шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Бердиев Максудҷон, РЯМ: 0730241133, РМА: 076610604, ки аз 13.11.2024 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Марағабова Нуринисо, РЯМ: 0730213917, РМА: 076449173, ки аз 18.05.2021 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Фахридинова Гулмо Махмадиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳисор 30, ҳ. 21, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақа, №10189, аз 05.08.2013, ба номи Расулов Туйғун Мирқозиевич, ки аз ҷониби ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №40169, аз санаи 10.10.1992, ба номи Баротов Махмадисуф, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, 1 гузаргоҳи кӯчаи 40-солагии октябр 24, ҳ. 12, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи механизатор-мошинисти РТ №0020121, аз соли 2019, ба номи Нуров Сайдо Боймаҳмадович, БДТК, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси ҶДММ "Чин Янг", №0264576, РЯМ: 0210019288, РМА: 020042423, санаи судур 24.10.2013, Нозироти андоз дар ноҳияи И. Сомонӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи гумшуда, РЯМ: 2010009953, санаи судур 11.12.2011, кооперативи тиҷоратии "Валимад", роҳбараш Алиев Қудратулло Халилович, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлии хонаи истиқоматӣ, н. Сино, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 35, ҳуҷраи 83, ки ба Ҷамолов Ёдгор Азизович тааллуқ дорад, бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

► Шаҳоданомаи махсуси соҳибкори инфиродӣ, Файзиева Нобиби, РЯМ: 0730050265, РМА: 075028361, аз санаи 28.06.2011, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ҶДММ "Наҷоти тиббӣ", РЯМ: 0710010932, РМА: 070017935, ки аз 16.09.2021 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехўрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Ёрзода Шоҳинҷон", РЯМ: 0710011922, РМА: 070018969, ки аз 01.05.2023 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехўрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Борпеч", РЯМ: 0110032808, РМА: 010109604, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

• Monitoring and Evaluation Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 26932 /National Personnel Services Agreement/NPSA-7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 18 June 2025, 23:59 New York time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲОИ АВРУПО

«ПАРИ СЕН ЖЕРМЕН» БОРИ АВВАЛ ЧЕМПИОН ШУД

Бозии финалии мавсими имсолаи Лигаи футболи чемпионҳои Аврупо миёни дастаҳои “ПСЖ”-и Фаронса ва “Интер”-и Итолиё дар варзишгоҳи “Алянс-Арена”-и Мюнхени Олмон дар ҳузури 64 327 мухлис бо ҳисоби бузурги 5:0 бар нафъи порисиҳо ба анҷом расид.



Ҳисоб дар дақиқаи 12-уми бозӣ аз ҷониби Ашраф Ҳакимӣ кушода шуд. Паси головарро Дезире Дуэ анҷом дод. Пас аз 8 дақиқа аз паси головари Усмон Дембеле истифода карда, Дуэ ҳисобро афзун кард. Дар дақиқаи 63-юми бозӣ Дуэ голи дуюмашро дар ин бозӣ зад. Хвича Кватратсхелия дар дақиқаи 73-юм бо паси Усмон Дембеле голи чоруми дастаи шаҳри Порисро ба ҳадаф расонд. Нуқтаи ниҳоиро дар бозӣ Сеннӣ Маюлуи 19-сола дар дақиқаи 86-ум гузошт. Беҳтарин бозигари дидор Дезире Дуэ дониста шуд. Дезире Дуэ чавонтарин бозигари финали Лигаи Чемпионҳо шуд, ки гол ва партофти головар кард.

Ҳамин тавр, дастаи “ПСЖ” бори аввал дар таърихи худ ғолиби Лигаи чемпионҳои Аврупо шуд. Дастаи Луис Энрике ин мавсим ҳамчунин ғолиби Лигаи 1, Ҷоми Фаронса ва Суперҷоми Фаронса низ шуд буд.

CAFA-2025-U-17

ДАСТАИ НАВРАСОНИ ТО 16-СОЛАИ ТОҶИКИСТОН ҒОЛИБ ОМАД

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози то 16-солаи Тоҷикистон дар чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), ки дар шаҳри Тошканд баргузор гардид, пирӯз шуд.



Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо роҳбарии мураббӣ Далер Каёсов дар гурӯҳи «В» бар тимҳои Туркманистон (4:1) ва Афғонистон (3:0) пирӯз шуда, аз ҷойи аввал ба финали мусобиқа баромад. Дар гурӯҳи дигар дастаи Ӯзбекистон бар дастаҳои Қирғизистон ва Эрон пирӯз шуда, ба бозии ниҳоӣ роҳ ёфт. Дар бозии ҳалкунанда дастаи Тоҷикистон дар қувваозмоии шадид бар тими Ӯзбекистон бо ҳисоби 4:3 пирӯз шуд.

Беҳтарин дарвозабон Абубакр Раҳмонқулов ва бозингари беҳтарин Меҳрубон Одилзода аз ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон эътироф шуданд. Ҷоизаи Fair Play насиби тими Афғонистон шуд ва голзани беҳтарин Аббос Рафӣ бо 4 гол аз ҳайати Эрон дониста шуд.

Ҳамин тавр, медалҳои биринҷӣ насиби тими Туркманистон, медалҳои нуқра насиби Ӯзбекистон ва ҷому медалҳои тилло насиби Тоҷикистон шуд. Наврасони Тоҷикистон таҳти роҳбарии Далер Каёсов бори сеюм ғолиби мусобиқаи CAFA мешаванд. Қаблан Каёсов бо тими наврасон дар солҳои 2022 ва 2023 низ ба гирифтани ҷоизаи мазкур даст ёфта буд.

РЕЗААХБОР



Аз 29-уми май то 1-уми июн дар Муғулистон мусобиқаи рейтингии Иттиҳоди ҷаҳонии куштиҳо (UWW) бо ширкати беш аз 300 паҳлавон баргузор шуд, ки варзишгари Тоҷикистон Магомед Евлоев дар вазни -79 кг медали нуқра гирифт. Магомед дар ду давр бар варзишгарони Ҳиндустон Амит Амит (6:0), Муғулистон Сулдхуу Олонбайар (6:0), дар нимфинал бар намояндаи дигари Муғулистон Далайтсерен Ҷавхланхуу (8:0) дастболо гашта, дар финал аз варзишгари Эрон Фарибурз Бобоирагонӣ (0:4) мағлуб шуд.

***

30-юми май дар ҷаласаи ғайринавбатии Кумитаи иҷроияи паралимпии Тоҷикистон Маҳмуд Амонзода президенти Кумитаи паралимпии Тоҷикистон интихоб гардид. Дар ҷаласа дар бораи фаъолияти Кумитаи паралимпии Тоҷикистон ҳисобот ироа гардида, ҳамзамон вазифа ва самтҳои фаъолияти минбаъда баррасӣ шуд.

Толеънома

Ҳамал
21.03 - 20.04

Агар бо нафаре муносибатҳоятон бад шуда бошад, ин ҳафта имкони оштӣ шуданатон вуҷуд дорад. Ҳафта барои ошиқон бобарор аст. Имкони пайдо намудани манбаи нави даромад вуҷуд дорад. Барои он ки маблағи хуб ба даст оварда тавонед, дилёбӣ кунед.

Саратон
22.06 - 23.07

Давоми ҳафта хеле ҳасос мешавед. Ба ҳар коре, ки даст мезанед, муваффақ мегардед, аз руҳафтодагии пешина дар вуҷудатон осоре наемонад. Нафароне, ки бо тақозои касбу кор бо одамон робитаи зич доранд, бо сабру таҳаммулашон ҳамаро ба ваҷд меоранд.

Мизон
25.09 - 22.10

Дар ҷои кор ба қадру қимататон мерасанд ва барои заҳматҳои чандинсола қадрдонӣ карда мешавед. Агар корҳои вобаста ба тахт намудани ҳуҷҷатҳо дошта бошед, аз пасаш шавед. Дар муносибатҳои ошиқона қисмати дуюми ҳафта тағйироти судманд ба амал меояд.

аз Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Нимаи дуюми ҳафта барои зодагони мучали ҷаддӣ бобарортар меояд. Аз пайи вазифа надавида, беҳтараш шириниҳои ҳаёт баҳра бардоред. Охири ҳафта робита бо дӯстону шиносон зиёд мегардад. Дар муносибатҳои ошиқона бояд ташаббускор бошед.

Савр
21.04 - 21.05

Ба ҳар коре, ки даст мезанед, барор ҳамсафаратон мегардад. Ҳафта барои ободонии хонаву дар ва харидорӣ намудани асбобҳои рӯзгор мусоид аст. Дар ҷодаи муҳаббат навигарӣ дида намешавад, нафарони оиладор бо ҳамдигарфаҳмӣ бурд мекунанд.

Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта дӯстону ҳамкорон ба дастгирии шумо ниёз пайдо мекунанд. Маслиҳатҳои судманду сухани хуши шумо ба нафарони зиёде болу пар мебахшад. Рафту дар дилатон хоҳиши робита кардан набошад, худро маҷбур насозед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Зодагони мучали ақрабро нофаҳмиву моҷароҳои оилавӣ интизор аст. Рафту нафарони оиладор бо ҳам созиш намекарда бошанд, дар ин рӯзҳо вазъият душвортар мегардад. Кор ба ҷое мерасад, ки дар фикри ҷудо шудан мешавед.

Далв
21.01 - 19.02

Дилкушодии зодагони далв имкон намедиҳад, ки нисбати мушкилоти ҳамкорону дӯстон бепарво бошанд. Агар дар давоми ҳафта аз гап ба амал гузаред, ҳафтаи босамар мешавад. Бо ҳамсафари ҳаётӣ танҳо корҳои оилавиро ҳаллу фасл намоед.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Зодагони мучали ҷавзо бо корҳое, ки бо тиҷорат алоқамандӣ доранд, машғул шудан намехоҳанд. Аз касбу кори доимии худ дур шуданро тавсия намедиҳем, дар акси ҳол зарар мебинеду касе дастатонро намегирад. Ошиқон дӯстдоштаи худро ба ҳайрат меоранд.

Сунбула
23.08 - 22.09

Дар давоми ҳафта ба ҷашн ё маъракаи аҷибе даъватӣ мегардед. Аз паси кор шуда, хурсандиҳои зиндагиро фаромӯш накунед. Бо дӯстдоштаи худ бештар дар робита бошед. Барои истеъмоли витамин ё рафтан ба назди дандонпизишк ҳафтаи мусоид нест.

Қавс
25.11 - 21.12

Нимаи аввали ҳафта бароятон душвор меояд, камбудиҳои рӯзгорро бартараф карданатон лозим меояд. Агар дар хона асбобҳои вайроншудаи техникӣ дошта бошед, аз пайи таъмиру ободонии хонаву дар шавед.

Ҳут
20.02 - 20.03

Зодагони мучали ҳут диққати атрофиёнро ба худ ҷалб мекунанд. Дар ҳодисаҳое, ки давоми ҳафта рух медиҳанд, нақши муҳимро мебозед. Якбора бо ду нафар муносибати ошиқона карданатон хуб нест, нафаре аз атрофиён асрори шуморо фош месозад.



ОШИҚ

Мард ба зан мегӯяд:

- Занак, ту медонӣ, ки қабл аз марг аз пеши назари занҳо на тамоми зиндагияшон, балки симои ошиқонашон мегузарад?

Зан:

- Даҳшат! Ин хел бошад, ман як ҳафта мемирам?

БИҲИШТ

Риэлтор баъди марг аз фариштаҳои қабр мепурсад:

- Ҷои ман биҳишт аст? Охир, ман касеро фиреб накардаам, танҳо ҳақиқатро каме обуранг медодам.

Фариштаҳо мегӯянд:

- Барои чунин инсони хуб варианти беҳтар аст! Ту дар утоқи бароҳати дӯзах, ки аз тирезааш биҳиштро мебинӣ, зиндагӣ мекунӣ!

ГЕЛОС

Харидор ба фурӯшанда:

- Гелос чанд сомонӣ?

Фурӯшанда:

- 30 сомонӣ.

Харидор:

- О, ман онро аз «Деҳқонбозор» 10 сомонӣ мегирам ку!

Фурӯшанда:

- Ман ҳам онро аз “Деҳқонбозор” 10 сомонӣ мегирам!

ВАЪДА

Ҷавон:

- Зани ман шав, ба ту дунёро мебахшам!

Духтар:

- Дунёи зарфҳои ношуставу чӯробҳои чиркинро?

Ҷавон:

- Ҳаа, ту аллакай шавҳар карда будӣ?

ҒАМХОРӢ

Зан ба шавҳар:

- Ту тамоман ба ман меҳрубонӣ намекунӣ! Ба фикрам, маъшуқа ёфтаӣ.

Шавҳар:

- Охир, занакҷон, ҳамин ки ба ту ғамхорӣ кардани шавам, дарҳол сарат ба дард медарояд. Ман ғами саломатии туро мехӯрам!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

ЛУТФИ АШӮР САФАР

Нашриёти “Адиб” ҷилди дуюми китоби адиби маъруф Гурез Сафар - “Лутфи Ашӯр Сафар”-ро чоп кард. Аз ин китоби тозанашр чанд латифаро манзури шумо мегардонем.

БА СИФАТ ДИҚҚАТ НАДОДЕМ

Аввали солҳои 80-уми асри гузашта Ашӯр Сафар бо як дӯсти деринаш, ки ӯро солҳои зиёде надида буд, вомехӯрад.

- Чанд бача дорӣ?,- дар равиши суҳбат мепурсад аз дӯсташ.

- Шукр, дута!

- Ин қадар кам?!

- Ҳа, каму лекин ҳарду бачаҳои зӯр: яке номзади илм асту дигарӣ сардори як корхонаи калон!,- бо ифтихор ҷавоб медиҳад дӯсташ.- Худат чӣ? Ту чанд бача дорӣ?

- Ман,- каме ба хаёл рафта, мегӯяд Ашӯр Сафар,- ёздаҳто. Калониш муаллими одӣ асту кӣ шудани даҳтои дигар ҳолӣ маълум нест. Мо, домулло,- хулоса мебарорад ӯ,- ба шумора диққат додему басифат не.

… ВА ДИГАРОН

Охири солҳои 70-уми асри гузашта, вақте ки донишҷӯ будам, аз падарам Ашӯр Сафар пурсидам:

- Барои чӣ дар рӯзномаҳо гоҳе ки дар бораи шеър менависанд, номи дигар шоиронро меоранду номи шуморо не? Ана, ҳозир ҳам,- ишора кардам ба рӯзномаи дастам,- боз номатонро нагирифтанд.

- Ку, бихон!

- «... Ин мавзуъ дар ашъори Фалонӣ, Бисмадонӣ... ва дигарон хеле барҷаста инъикоси худро ёфтааст».

- Ана ва дигарон дорад-ку!,- посух доданд падарам.- Дар ҳамин ва дигарон мо ҳам ҳастем.

ШАРТИ ҶӮРАГӢ

Аз Ашӯр Сафар мепурсанд, ки асрораш дар чист, ки солҳои зиёд бо Бурҳон Ғанӣ ҷӯрагии сахт дореду қил аз миёнатон намегузарад?

- Мо бо шарт ҷӯра шудаем,- мегӯяд Ашӯр Сафар ва шарҳ медиҳад,- шарти ҷӯрагии мо ҳамин аст, ки на ман бояд хонаи ӯ раваму на ӯ хонаи ман биёяд. Ана ҳамин шартро, ки риоя мекунем, дӯстиямон тӯлониву осебнопазир аст.

Солҳои охир шарти ҷӯрагии ин ду адиби ҳачвнигор вайрон шуд ва онҳо хонаи ҳамдигар мерафтанд.

Сканворд

